*Асалбек НАЗРИЕВ*

# ПАЙРОҲАИ САОДАТ

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
Н-42

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Н-42 **Асалбек Назриев. Пайроҳаи Саодат** (очерк ва мусоҳибаҳо). – Душанбе, «Адиб», 2012, 88 саҳ.

«Пайроҳаи Саодат» ҳикоятест аз рӯзгор ва роҳи паймудаи эҷодии Ҳунарманди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодат Азизова. Ҳамчунин Шумо, хонандагони азиз, метавонед зимни чанд мусоҳибаи ӯ аз заҳмату талошҳояш дар ҷодаи ҳунар ошно гардед.

ISBN 978-99947-2-217-4

© Асалбек Назриев, 2012

Ба маркази ноҳияи Нуробод наздик мешудему ӯро ҳаяҷон бештар мегашт. «Оё, мактабе, ки ман мехондам, бо намуди пештарааш боқӣ монда бошад? Хуб дар хотир дорам, ки номи пештарааш мактаби ба номи Ушинский буд. Ҳоло чӣ ном дорад? Наход ҳамсабақони собиқамро вонахӯрам? Хонаамонро мешинохта бошам?»

Ва ҳамин, ки аз мошини «Газел» фуромадем, марде бо табассуми малеҳ – «Азизова?» – гӯён ба назди мо омад. Бо ҳама саломуалайк намуда, дар баробари Саодат рост истод:

– Ҳоло ҳам ба ёдат наомадаам? Ку дурустакак фикр кун. Мо ҳамсоя ҳам будем.

Саодат ҳайрон шуд. «Руяш шиносу… Вале номаш дар ёдаш нест. Наход ин Амирбек бошад?.. Албатта, Амирбеки ҳамсояамон дар курсии охирини синф менишаст!»

– Амирбек нестӣ?! – суол намуд Саодат ва тасдиқи ҷавобро мунтазир шуд.

– Офарин Саодатхон! Ба ҳофизаи хуби ҳунармандон бори дигар тан додам, – гӯён бо ҳам даст дода хело хурсандӣ намуданд. Ёди он рӯзҳо, ҳамсабақҳо, устодони мушфиқу сахтгир, маҳфилнишиниҳои он айёмро намуданд. Аҷаб замоне буд…

Саодат Азизова 30 августи соли 1951 дар шаҳраки бостонии Панҷакент ба дунё омадааст. Таҳсили мактабро бошад, дар ноҳияи Шаҳритус оғоз намуда баъд дар ноҳияи Нуробод (Комсомолободи пештара) давом дода, дар ноҳияи Данғара ба итмом расондааст. Падараш, шахсияти маъруф, корманди соҳаи ҳуқуқ – Абдуқаҳҳор Азизовро бо тақозои вазифа чанд сол пас ба ҳар ноҳия ме-

фиристоданд, барои ҳамин ҳам хоҳарону бародаронашро ҷои таваллуд гуногун аст. Саодат аз айёми мактабхонияш дар маҳфилҳои адабӣ ва ҳунарӣ фаъолона ширкат меварзид. Ҳар боре, ки ҳунармандон аз Душанбе ба ноҳия меомаданд, пеш аз ҳунарнамоии онҳо Саодати хурдсолро ба саҳна мебароварданд ва ӯ бо як самимияти хоси кӯдакона ва бо ҷиддияти том аз ашъори устодон Турсунзода ва Миршакар шеърҳоро қироат менамуд ва сазовори кафкӯбии зиёди тамошогарон мегардид.

«Шояд «гарду дарди саҳна» аз ҳамон овон дар вуҷудам реша давонда бошад ва то кунун домангиру ҳамқадами зиндагии ман мебошад?» – мегӯяд худи ҳунарманд.

Кафкӯбии тамошогарон баъди анҷоми ҳар намоиш, беихтиёр маро ба ҳамон лаҳзаҳои фаромӯшношудании дунёи беғилуғаши тифлона мебарад ва он сухани бузургони саҳна ба ёдам мерасад, ки гуфтаанд: – Ҳунарманд бояд ба мисли кӯдаке бошад, ки ба ҳама чизу воқеаи гирду атрофаш ҷиддан бовар мекунад. Инро борҳо дар таҷрибаи эҷодиям санҷида ба дурустии он сад фисад эътимод намудаам, – хотироташро варақ гардонда андеша меронад Саодат Азизова.

Қиблагоҳашон дар тарбияи фарзандон сахтгир буданд ва таъкид менамуданд, ки агар дарсҳоро хубу аъло хонанд, метавонанд дар маҳфилҳо низ иштирок намоянд. Ин талаби падар барои фарзандон қонун буд. Абдуқаҳҳор-амак қариб ҳар рӯз аз рӯзномаҳои мактабии фарзандон бохабар мешуд, маслиҳату насиҳат менамуд, ки бе дониши мукаммал инсони комил шудан осон нест. Ӯ аз таҷрибаи зиндагии худ мисолҳои зиёде меовард, ки дар шароити душвори он замон чи гуна тавонистааст, ки соҳиби маълумот ва мартабаи олӣ гардад.

Қобили зикр аст, ки Абдуқаҳҳор Азизов яке аз беҳтарин прокуророни он давр буд ва ба ҳар ҷое, ки фиристода мешуд, қонуншиканиҳои он ноҳия ба маротиб хело кам мегардид…

Дар дили Саодат меҳри беандозаи шеъру сурудхонӣ, рақсу ҳунарнамоӣ лона гузошта буд, бо вуҷуди он, ки падар мехост Саодат касби ӯро пеша кунад, вале вай соли 1968 ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи навтаъсиси санъати донишкадаи омӯзгории ш. Душанбе (он замон ба номи Т.Г. Шевченко) супурд. Падар аз он хурсанд буд, ки духтараш ба мактаби олӣ қабул шудааст. Орзӯи деринааш буд, ки ҳамаи ҷигарбандон соҳибмаълумот гарданд ва дар зиндагӣ пайроҳаи худро пайдо намоянд. Панҷ соли хониш дар шӯъбаи актёри драма ва кино чашму дилашро нисбат ба ҳунари театру кино гарм намуд, таърихи ҳунари театру ҳунармандонро ба хӯби аз бар намуд. Охир, ӯ аз ҳунармандони варзидаи фарҳанги тоҷик таълим мегирифт: М. Қосимов, А. Абдураҳмонов, Н. Нурҷонов, М. Файзов, Ҳ. Раҳматуллоев, Т. Абдушукурова, Ҳ. Ҳиматшоев, Т. Аҳмадхонов, Х. Майбалиев, М.Исоева ва дигарон.

«Мо шабу рӯз мехондему машқ мекардем, Баъзан аз ҳамдигар пинҳонӣ, 2-3 ё 4-нафарӣ, барвақт меомадем, (дарсхонаҳо на он қадар зиёд буданд) то машқу тамрини порчаҳоро намоем. Вале гоҳо медидем, ки аз мо барвақттар ҳам омадаанд ва мо маҷбур мешудем, то итмоми машқи рафиқон ба дигар дарсҳои инфиродӣ машғул бишавем» – ба хотир меорад Саодат. «Дар гуруҳи мо бачаҳои боғайрату серталаб зиёд буданд: Қосимов Фаррух, Абдулқайсов Шералӣ, Миралибеков Баҳодур, Набиева Сабоҳат, Ҳимматшоев Парпишо, Барзиева Латофат, Ашӯров Ғаюрбек, Турсунова Майрам аз қабили онҳоянд. Соли 1973 пас аз корҳои дипломӣ: «Дохунда»-и

Ҷикромӣ, «Камбағали айб нест»-и Н Островский, «Моҷаро дар Киоза»-и К.Голдони аксарияти онҳо ба театри академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ ба кор қабул шуданд.

Хушбахтии Саодат ҳадду ҳудуд надошт. Албатта, охир ӯ минбаъд бо устодони худ дар саҳна ҳунарнамоӣ хоҳад кард. Магар аз ин хушбахтии афзунтаре вуҷуд дорад? Дар худи ҳамон сол ин театри овозадор ба пойтахти мамлакати Шӯравӣ – шаҳри Москва ба сафари ҳунарӣ раҳсипор шуд. Толеи баланди ин ҷавонон буд, ки онҳоро дар саҳнаҳои умумии намоишҳои сафарӣ ворид сохтанд. Ин сафар, хосатан, дидани пойтахти мамлакати Шӯроҳо, тамошои театрҳои Москва ҳунармандони ҷавонро болидарӯҳ ва азми доштаашонро нисбат ба касбашон боз ҳам ҷазбтар гардонид… Яке аз нақшҳои аввалине, ки ба Саодат бовар намуда супорида буданд, ин Адиба аз намоишномаи «Интихоби домод»-и Ҳ Содиқ буд. Намоишнома гарчанде мазмуни на чандон ҷолибе дошта бошад ҳам, коргардон ҳунарманди шинохта Ҳ Гадоев бо ҳамкорӣ бо муаллиф ва ҳамбастагӣ бо ҳунармандони машҳури саҳнаи тоҷик: Б. Раҷабов, О. Ҳаётова, А. Муҳаммадҷонов, Ҳ Шоимардонов, С. Мардонов, Ш. Сиддиқова як мазҳакаи ҷолибу дидание ба вуҷуд оварданд, ки писанди тамошогарон гардида, солҳо рӯи саҳнаи асосӣ ва дар сафарҳои ҳунарӣ дар аксарияти шаҳру ҷумҳурӣ намоиш дода шуд. Мавзӯи он ишқу муҳаббати ду ҷавон, ки дар роҳи висол ба садду монеаҳои сохтаи падари Адиба – сардори корхонаи хиштрезӣ, марди мағруру худписанд бармехӯрад, ки мехоҳад духтараш ба ягон писари «калоншаванда»-е арӯс шавад, то обрӯю нуфузаш боз ҳам зиёдтар гардад. Аммо Адиба алорағми падари мансабпарасташ, писари

боғбони корхонаи падарашро дӯст медорад ва дар ин роҳ аз ҳеҷ чиз наҳаросида ба орзую нияташ мерасад.Саодат қадамҳои аввалинашро бо ёрии коргардон ва ҳамкасбони соҳибтаҷрибааш устувор намуд ва нақши як духтараки ҷавону бофаҳму боидрок, дар иродааш устувор, сазовори муҳаббати поку беолоишро хело ҳам хотирмон офарид.

Нақши дигаре, ки Саодат бо он боварии коргардонҳоро ба ҳунараш ҷалб намуд, Назорат аз намоишномаи «Хатро ман навиштам»-и Ф. Ансорӣ, дар таҳияи устод Ҳ Раҳматуллоев буд. Ин драмаи оилавиро тамошобинон хуб пазируфтанд ва Назорати ҷавон, ростқавлу нисбат ба ҳар гуна дасисаҳо мубориэро мунаққидон, махсусан, таъкид намуда буданд. Ин нақш барои Саодат «шиноснома»-и хубе дар фаъолияти минбаъда гардид. Дере нагузашта ӯ ба ҷои ҳунарпешаи дигар дар намоишномаи «Корвони бахт»-и М.Миршакар ворид гардида иҷрои нақши Назрияро ба ӯҳдааш гирифт.Назрияи Саодат духтараки кӯҳистонӣ буда, ба фаҳми зиндагии нав, ки Шӯроҳо амалӣ гардонда будаанд, он қадар сарфаҳм намерафт.

Ҳанӯз ҳам пойбанди урфу анъанаҳои дерина аст, аммо боз шудани мактаби нав, саводомӯзӣ, озодӣ, барояш ниҳоят хуш аст. Дар пеши назари мо Назрия аз як духтараки назарногири беҷуръат, ба шахсияти неку бадро аз ҳам фарққунанда, ҷасуру нотарс, ба ҳамсабақҳояш содиқ табдил меёбад. Тамошобинон пай мебаранд, ки маҳз чунин духтарони баору номус созандагони зиндагии нав, фаъолони кору ривоҷи ҷамъияти замони худ хоҳанд гашт. Ин асар зиёда аз 700 маротиба намоиш дода шуд ва писанди тамошогарони хурду бузург буд.

Дар намоишномаи «Муборизон»-и Карос Саодат

нақши Антигонаро ва дар аввалин кори коргардонии Ф. Қосимов «Ишқи ман – Электра»-и Дюрко Хресомидаро офарид. Ҳар ду нақш ҳам шоистаи таваҷҷӯҳи бинандаву мунаққидон гардида аз Саодати ҷавон умедвориҳои зиёди эҷодиро нигарон будаанд…

Ҳастибахши бемислу тавоно ҳамеша дар санҷиши инсонҳост. Аз ҳар санҷиш инсон бо заковату хирад, фаҳму фаросоти худ мебарояд. Гоҳо метавонад ба чоҳи ҷаҳолату нобудӣ афтоду гоҳо ба фарозҳои ҷалолу шукӯҳ барояд.

Бо тақозои зиндагӣ, масъалаҳои оилавӣ Саодат соли 1977 ба театри мазҳакавӣ-мусиқавии ш. Кӯлоб ба кор меравад. Дар ин ҷо Саодат дар иҳотаи дӯстони ҳамсабақи собиқаш – М. Миров, Б. Ҳасанов, С. Муқимов, С. Мирзоев ва дигарҳо худро бегона ҳис намекард.

Сафарҳои пайдарпайи ҳунарӣ, ҳунарнамоӣ дар маъракаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, гузаронидани ҷашнҳо ӯро хаста намоянд ҳам, ба машқҳои нақшҳои ба зиммааш гузошта бо нерӯю рӯҳи тоза омода мешуд ва вақти ҷудошударо барҳадар намегузаронд. Маҳз чунин машқу тамринҳои босубот ва хастанопазириву серталабӣ нисбат ба худ дили ҳунарманду овозхони машҳур, ровӣ, инсони шикастанафсу соҳиби қалби бузург – Салим Муқимро тасхир намуд ва волаю шайдояш гардонд. Саодат аз ҳамаи ин бехабар, машқ мекарду машқ, бо намоише ё консерте ба ноҳияе мерафту пагоҳии барвақт, дер намонда, дар тамрингоҳ ҳозир мешуд. Салим ҷуръати гапзаниро бо ӯ надошт. Танҳо «салом» мегуфту «воаллайк»-ро мешуниду бас. «Ман туро дида худамро гум мекардам, мадор дар дасту поям намемонд, ёрои гап надоштам» – баъдтар ба Саодат иқрор шуда буд Салим бо завқ ин ҳамаро ба ёд оварда ва механдид.

Тасодуфе шуд, ки ҳар ду дар намоиши «Мӯъҷизаи муқаррарӣ»-и Швартс банд шуданд ва он сабабгори ибрози муҳаббат намудани Салим гардид. Саодат, ки худро ботамом ба кори эҷодӣ бахшида буд, аз ин «гардиши фалак» моту мабҳут гардид. Ба зудӣ ҷавоби тасдиқро надод. Ӯ Салимро аз овони донишҷӯӣ мешинохт. Як ҷавони шармгин, тарбиядида буду эҳтироми иззати нафси худу дигаронро хуб дарк мекард. Ҳанӯз дар донишгоҳ, дар саҳнаи умумии намоиши «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ, ки устод Ҳ Гадоев таҳия карда буд, якҷоя ҳунарнамои намуда буданд. Саодат аз ҳамон овон ба овози марғуладору ширини Салим, ба рафтору одоби ҷавонмардонааш шефта гардида буд. Пас аз маслиҳатҳою равуои зиёди байни волидайни ду тараф Саодат ва Салим бо ҳам ақди никоҳ бастанд.Зиндагӣ маънову мазмуни дигар гирифт. Акнун Саодат дар Салим пушту паноҳи тавоно ва Салим дар симои Саодат як бонуи маслиҳатгари меҳрубон ва ғамхору дилсӯзеро ёфт. Шавқу завқ, болидарӯҳиву шӯридасарии ба айёми ҷавонӣ хос ҳар дуро намегузошт, ки даме осуда бошанд. Алорағми ҳамаи садду монеаҳои нотавонбинону ҳасудон ин ҷуфти арзандаи якдигар ва ғӯтавари уқёнуси нопайдоканори ҳунар дар ҷустуҷӯи дурри мақсуд буданд. Ҳар нақши навбатиашонро бо ҳам таҳлилу тафсир намуда барои тамошобобу таъсирбахш гардидани он баҳсҳои эҷодии судманд мегузаронданд. Аз комёбии якдигар хушнуду якҷоя дар пайиислоҳи норасоиҳою нуқсонҳои нақшҳои саҳнавиашон мегардиданд. Саодат дар муддати кӯтоҳ чанд нақши наве офарид ва дар ин театр ҳам собит намуд, ки ӯ дар саҳна ҳунарманди тасодуфӣ нест. Парӣ аз «Парии обӣ»-и А Пушкин, Аноргул аз «Восеъ»-и С. Улуғзода, Марям аз «Хусрав ва Ши-

рин»-и М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ, Марго аз «Андро ва Сандро»-и Хугаев, Соҳибхона аз «Муъҷизаи муқаррарӣ»-и Шварс, Фаррошхола аз «Пеш аз имтиҳон»-и А Атобоев.

Бо фавти Маҳмудҷон Воҳидов дар фазои қироати шеъру ровигии маҳфилҳои адабии марказ холигие ба вуҷуд омад. Дар Кӯлоб Салим Муқим ин ҳунари устодаш – Маҳмудҷонро давом медод. Дастандаркорони ҷумҳурӣ Салимро ба ивази ваъдаҳои болохонадор соли 1982 ба марказ, ба Душанбе даъват намуданд. Акнун Саодатро лозим омад, ки боз ба Душанбе биёяд. Вай метавонист дар театре, ки қадамҳои нахустинашро гузошта буд, ба кор дарояд. Аммо модоме, ки Салим ба театри ба номи А. Лоҳутӣ ба кор даромад, тарафайн маслиҳат намуданд Саодат дар театри ҷавонон кор кунад.

Хушбахттарин ва айни замон мушкилу фоҷиабортарин давраи зиндагии Саодат ҳамон солҳо буданд. Дар як ҳуҷраи хурди хобгоҳи умумӣ, бо як ҷаҳон орзӯву нақшаҳо зиндагии минбаъдаашонро бо Салим тарҳрезӣ мекарданд. Саодат тавонист дар театри ҷавонон ҳам нақшҳои зиёди хотирмон ва писанди ҳаводорони ҳунарашро офарад.

Дар драмаи «Алафҳои бегона»-и С.Сафар нақши Саодатро хело ҳам устокорона рӯи саҳна овард. Дар асари Қ. Киром «Торҳои муҳаббат» нақши модари аскарбачаи тоҷики ба ҷанги зидди фашистони лаъин сафарбаршудаеро бо як ҷаҳон сӯзу гудоз ва хело ҳам мутаассир иҷро намуд, ки устодони ҳамбозаш С. Тӯйбоева, Ш. Сиддиқова, А. Раҳимов, А.Қосимов ба ӯ аҳсант хонданд. Пас аз он Мақсуда дар «Баъди борон»-и А.Ҳамдам, Модар дар «Гумроҳ»-и М.Хаёлов, Матюрина дар «Дон Жуан»-и Ж. Молйер, Глафира дар «Гирдоб»-и Н. Островский пайи ҳам рӯи саҳна омаданд, ки ин худ гувоҳи устоди касби худ гаштани ҳунарманд аст.

Дар айни ҷӯшу хурӯши зиндагӣ, барорҳои пайиҳами эҷодӣ фоҷиаи мудҳише рух дод, ки пару боли Саодатро шикаст. Тори умри Салим, он Салиме, ки Саодатро чун гавҳараки чашм муҳофиз буд, чун дӯсту ҳамсари меҳрубон ҳамеша маслиҳатгару маслиҳатшунав буд, ба таври фоҷиавӣ канда шуд. Саодат бо фарзандони хурдсолаш дар як ҳуҷраи танги хобгоҳи умумӣ, нӯги калобаи зиндагиро, ки бо Салим нав ёфта, аз пайи ҷустуҷӯи умеду ормонҳои тарҳрезишуда буданд, гум кард. Яъсу ноумедӣ аз чор тараф ӯро тазйиқ медод. Боз ҳам маслиҳату роҳнамоии падари меҳрубони чашми кордон ӯро аз вартаи фалокат наҷот дод. Чанд муддат пас аз даргузашти Салим писарчаеро таваллуд карда барои муҳаббати беандоза нисбат ба ҳамсари ғӯрамаргаш, ба ӯ Салимҷон ном ниҳод. Салими «сонӣ» ягона қуввати дилу тасаллибахш аз ҳамаи шикасту нобасомониҳо буд. Саодат чун кӯҳнаварде, ки фатҳи қуллаи умедашро ҳеҷ гоҳ аз нияташ барканор накарда, пайваста тасхири онро дар замираш мепарвараду лаҳза ба лаҳза ба ин орзуяш наздик мегардад, бо суботу мароми устувор аз роҳи пуршебу фарози зиндагӣ пеш мерафт. Ӯ он «самандаре» буд, ки аз оташ бори дигар зинда гардид ва дар фазои ҳунар пару болашро аз нав устувор гардонд. Бо мададу кӯмаки падару модар ва бародару хоҳарон ҷигарбандонашро ба пой рост намуд. Акнун, дар баробари кори эчодияш Саодат саъй менамуд, ки фарзандон низ аз доираи таълиму тарбия берун намонанд. Тамоми вақти фориғ аз корашро бо онҳо мегузаронд, мекӯшид, ки дар баробари таҳсили хуб боз соҳиби касбу ҳунар ҳам шаванд.

Интиҳои солҳои 80-уми асри гузашта Душанбе ба «Макка»-и театрӣ табдил ёфта буд. Дар фестивалҳои

«Парасту»-и ҷумҳуриявӣ ва «Наврӯз»-и байналмилалӣ театрҳои зиёде бо ҳам қувва меозмуданд. Кӯшиш менамуданд, ки намоишҳои ҷолибу тоза ба тозаашон писанди тамошогарон гардад. Ҳар як театр барои гирифтани «Шоҳҷоиза» тамоми имкониятҳоро ба харҷ медод. Театр-тудияҳои зиёде пайдо шуданд.

Пас аз намоиши «Хонасӯзон»-и Фриш (Ф. Қосимов, соли 1989) дар театри ҷавонон гӯё «таркише» ба амал омад. Аксари ҷавонон мехостанд, ки Қосимов саркоргардони театр таъин шавад, чунки диди наву тарзи корбарии ҷадидро пеша карда буд. Аммо, гурӯҳе ки театри ҷавононро таъсис дода буданд, ба ин ақида зид баромаданд. Онҳо намехостанд коргардони худашонро аз даст диҳанд. Маҷлисҳову баҳсҳои доманадор сар шуданд. Фарҷоми ҳамаи инро вазорати фарҳанг дар таъсиси як театри нав медид ва оқибат, ба чунин қарор ҳам омад.

Театри озмоишии ҷавонон ва наврасон, ки баъдан «Аҳорун» ном гирифт созмон дода шуд. Саодат низ дар ин гурӯҳ шомил буд. Инак, гурӯҳи ҳаммаслакон: Ф. Қосимов, Ф. Умаров, С.Азизова, С. Қосимова, И. Машрабов, З. Хушвахтова, Х. Қосимов С. Алиев ва дигарон бо шӯру шари хоси ҷавонӣ яке аз паси дигаре намоишҳои ҷаззоб, «шаклан миллию мазмунан байналмиллӣ», орифонаву дар пардаҳои ту ба туи файласуфона, ки заминаи аксарияташон осори гаронбаҳои адабиёти форсу тоҷик буд, рӯи саҳна ҷилвагар шуданд. Театр-студияи «Аҳорун» дар муддати кӯтоҳ тавонист байни дӯстдорони ҳунари театрӣ маҳбубияти зиёдеро соҳиб шавад ва ҳунарашро дар хориҷи кишвар низ ба намоиш гузораду соҳиби ҷоизаҳои зиёди озмунҳо гардад. Ҳаёти театрии он давр пурҷӯшу хурӯш, пур аз ковишҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ буд. Коргардонҳои ҷавон – Ф. Қосимов, Б. Абдураззоқов, Т.

Баҳромов, О. Набиев бо намоишҳои нав ба нави худ диққати тамошобинонро мувоҷеҳи театр менамуданд. Солҳои аввали фаъолияти театр Саодат, гарчанде дар кулли намоишҳо банд бошад ҳам, аммо нақшҳои табъи дилу ба ҳунари худ мувофиқро иҷро накард. «Бо «Аҳорун» муяссарам шуд, ки мамлакатҳои Эрон, Белгия, Фаронса, Голландия, шаҳрҳои зиёди олам Уфа, Қазон, Чебаксар Москва, Тошкандро бубинам, бурду бохти театру ҳунармандони тоҷикро бо муқоиса бо онҳо дар мизони ақлу фаросот гузошта, хулосабарорӣ намоям. Умуман, сафарҳо, хосатан ҳунарнамоӣ дар фестивалу озмунҳо дар шарёни ҳунарманд «хуни тоза»-и эчодӣ ҷорӣ мекунад, қадаму ниятҳояшро қавитар мегардонад» – мегӯяд Саодат. Вале, мутаассифона, дар «Аҳорун» бо истиснои 1-2 нафар, дигарҳо, аз ин намоиш ба он намоиш, танҳо дар саҳнаҳои умумӣ мебаромаданду халос. Ин боиси дилсардиву навмедии ҳунармандон мегардид. Маҳз ҳамин тамоюл буд, ки аксарияти онҳое, ки ин театрро ифтитоҳ дода буданд, яке паси дигаре онро тарк кардан гирифтанд. Ба Саодат муяссар гардид, ки танҳо соли 1999 дар намоишномаи «Марги Яздигурд»-и Б. Байзоӣ нақши зани осиёбонро, ки аз нақшҳои асосӣ маҳсуб мешавад, бозӣ намояд. Таҳиягари намоишнома Қурбони Собир ин нақшро ба Саодат вогузошта, хато нанамуд. Саодат «ташнагӣ»-и эчодияшро дар иҷрои ин нақш шикаст. Ин зан дар ҳар вазъияти ба амал омада бо камоли кордонию таҷрибаи андӯхтаи зиндагӣ худу муқаррабонашро аз вартаи фалокат наҷот дода метавонад ва ҳамагон ба далелу бурҳонҳои овардааш бовар мекунанд. Қаҳрамони Саодат меҳрубону дилсӯз нисбат ба шавҳару духтараш, лаҳзае фармондеҳу солор дар қиёфаи шоҳ, муштипару бемутакко – дар асное, ки ҳақиқати воқеӣ ошкор мегардад, ме-

бошад. Ҳамаи ин хислатҳоро хело ҷаззобу нишонрас офарида бо рангҳои нозуку нафис, бо нигоҳи мӯшикофона намои ин занро рӯи саҳна овард.

Чун ороиши саҳна рамзист (ғалбери қисмате, ки аз он одамон бехта мешаванд ё санги осиёби зиндагӣ, ки дам дар гардиш асту бо гузашти рӯзгор ҳамаро ба гард мубаддал мегардонад) аз ҳунармандон серҳаракативу ҳамранги ҷиҳози саҳна доим дар такопӯ буданро тақозо менамуд. Саодат бо як чолокии фавқулодда аз иҷрои вазифаи супурдаи таҳиягар баромада аз амалу сухан як пайкараи аҷиби саҳнавӣ офарид. Маҳз ҳамин нақш паҳлӯи нави эчодии ӯро намоён намуд, ки дар корҳои минбаъдааш ошкоро, устокорона истифода бурд. Дар фестивал-озмуни театрҳо «Парасту-99» Саодат барои офаридани ин нақш соҳиби ҷоизаи «Беҳтарин офарандаи нақши занона» гардид.

Ин сол барояш боз аз он хотир фаромушнашаванда буд, ки барои офаридани нақшҳо ва ҳунарнамоиҳояш, дар театр телевизион ва синамои тоҷик ҳукумат ӯро бо унвони баланд «Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовор донист.

Чун дигар ҳунармандони «Аҳорун»-ро тарк намуда, Саодат низ аз фазои эҷодии он ҷо дилтанг гардида бо маслиҳату ризоияти садорат дар театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ба кор шурӯъ намуд. Дар драмаи «Шоҳ Исмоили Сомоӣ»-и М. Бахтӣ (таҳияи Ф. Қосимов) ба ӯ нақши Меҳрбону супорида шуд. Саодат бо ҷиддияти том аз пайи офаридани нақш гардид, зеро фарзандон аллакай дар мактабҳои олӣ таҳсил менамуданду шароити зист низ ба куллӣ беҳтар гардида буд. Меҳрбону арӯсшавандаи Исмоил, ки модараш ӯро аз байни духтарҳо, сазовори дарбори Сомониён донистаасту ба

ҳама пасту баландиҳои зиндагӣ одат намуда, вале дар айни ҳол сидқу ихлоси нисбати ин хонадон доштаашро аз даст надодааст. Вай мекӯшад, то ҳамаи хархашаву хусуматҳои дохилӣ бо ақлу бо тадбир ва сулҳу салоҳ анҷом пазиранд ва ба ин авлоди бонангу овозадор осебе нарасад. Саодат ин ҳама нозукиҳоро пайгирона ҷустуҷӯ намуда, дар ниҳоят, ба комёбии эҷодӣ ноил гардид. Нақши Меҳрбону дар намоиш яке аз нақшҳои хотирмону шоистаи ваҷҳи ҳаводорони санъати театрӣ гардид.

Вақте ки коргардон Б. Миралибеков намоишномаи «Нангбардори Хуҷанд»-и М. Бахтиро (соли 2004) рӯи кор гирифт, бешубҳа яке аз нақшҳои асосӣ – Муғулхотун, ҳамсари Чиғатойхони муғулро ба ӯҳдаи Саодат гузошт. Чунки коргардон ба маҳорату меҳнатдӯстии ӯ бовари комил дошт. Дилаш пур буд, ки танҳо бо ҳамкории тарафайн аз иҷрои ин нақш ба хубӣ хоҳад баромад.

Муғулхотун яке аз канизоне буд, ки ба дарбор пешкаш шуда ва Чиғатой ӯро ба ҳамсарӣ интихоб карда буд. Дар саҳнаҳои пуршиддаттарин, лаҳзаҳои асабӣ шудани Чиғатой- ин зани маккораву доно ӯро чун сеҳргар афсун мекард. Садои омиронаи Муғулхотуни Саодат – Чиғатой (Ш. Абдулқайсов)-ро чун мум мулоим менамуд ва ӯро аз ниятҳои зишташ фавран мегардонд. Саодат дар рафти омодагии ин нақш маъхазҳои гуногунро варақ мезад, ба тарзи зиндагии он давр шинос мегардид ва аз ҳамаи ин барояш зарра-зарра мавод ҷамъ меовард. Дар ниҳоят кӯшишу ҷустуҷӯҳои Саодат барҳадар нарафтанд. Муғулхотуни ӯ аз тарафи аҳли нақду тамошогарон хуш қабул гардид ва ин ҳама исботи он далел аст, ки ҳунарманд дар касбаш устод гаштааст.

Саодат дар баробари театр дар телевизиону кино низ фаъолияти пурбаркат дорад. Ӯ дар саҳнаҳои телевизион

пайваста ҳунарнамоӣ менамуд. Коргардони филми телевизионии дар байни мардум маъруф гаштаи «Дар орзуи падар» Саидҷон Қодирӣ Саодатро дар нақши янгаи Меҳрубон интихоб намуд. Нақши офаридаи ҳунарманд мавриди баҳои баланди тамошогарон гардид. Акнун баъзеҳо рӯирост ба ӯ мегуфтанд: «Чӣ зани бераҳму сангдил будаӣ? Охир одам то ин дараҷа набояд золим бошад!» Саодатро дар аввалҳо ин содалавҳии онҳо ба ғаш меовард, вале баъдтар ба чунин «эродҳо» бо табассум ва меҳрубонӣ ҷавоб медод, ки ин нақш аст, вазифаи мо – ҳунарпешаҳо онро самимона, бе сохтакорӣ бозӣ намудан аст, то бовар кунанд. Ва дар қаъри дилаш хурсанд мешуд, ки аз ӯҳдаи офаридани нақш баромадааст. «Телевизион ва синамо нозукиҳои худро доранд. Ҳар як нигоҳ, қиёфаи рӯй, лаҳну гуфтори ҳунармандро бинанда аз наздик назора менамояду мешунавад. Як беэҳтиётӣ дар навор метавонад ба тамоми нақшат хати батлон кашад. Аз ин рӯ, дар навор будан аз ҳунарманд масъулияти боз ҳам зиёдтару ҷиддитарро тақозо менамояд» – мегуяд ҳунарманд.

Минбаъд Саодат дар филмҳои телевизионии «Пой дар гил», «Маҳдӣ», «Гумон», «Пайванди шикаста», «Гумгаштапайдо» ва ғайра ҳунарнамоӣ намуда мухлисону ҳаводоронашро бо ҳунари волою салиқаи баланди нақшофариаш ба ваҷд оварда, дар шоҳроҳи ҳунари синамо низ пайраҳаи худро устувор менамояд.

Соли 2006 театр яке аз шоҳасарҳои драматургияи Осиёи Марказӣ, асари адиби ӯзбеки тоҷиктабор Ҳ. Ҳ. Ниёзӣ «Бой ва хизматгор» (таҳияи устод Х. Майбалиев)-ро ба саҳна мегузорад. Ба Саодат нақши марказӣ – Хонзода супурда мешавад. Театр аз таҳияи анъанавии асар даст кашида, кӯшиш намуд, ки онро ҳарчи ба зиндагии имрӯза наздиктар намояд. Албатта, ин усули нав нест ва он та-

рафдору муқобилони худро дорад, Аммо аксарият ин усулро хело хуб пазируфтанд. Садои зиндагии ибтидои асри XX-и асар бо садои имрӯз хело ҳам ҳамоҳангӣ дорад. Хонзодаи Саодат як зани маккора, бераҳму ниқоргиранда аст, ки дар лаҳзаҳои барояш зарур аз ҳеҷ кадом усуле рӯ намегардонад. Ӯ ҳамаро тобеи худ гардондааст ва намехоҳад, ки ҳамаи дороии бойро дигарон соҳиб шаванд. Ҳар лаҳзаву ҳар соат қиёфаи ҳунарманд тобишҳои гуногунро инъикос менамояд, ки ба рафти саҳнаҳо мувофиқ аст. Ӯ фиребу ҳуққабозиро касби худ гардонидааст, то ба василаи он ба мурод расад. Ин гуна шахсҳо барои ҷамъият хавфи ҷиддие ба бар меоранд, ба ҳар кор қодиранд ва аз ҳеч чиз рӯ намегардонанд. Ҳунарманд ин ҳамаро бо маҳорати баланд, таъсирбахшу боваринок ба тамошогарон расонда, дар иваз аз онҳо аҳсану кафкӯбиҳои зиёдро соҳиб гардид.

Саодат мекӯшид, ки дар ҳамаи жанрҳои саҳнавӣ худро бисанҷад. Ӯ дӯст медорад, ки дар мазҳака, намоишҳои бачагона низ чирадаст бошад, чунки мазҳака ва намоишҳои бачагона хунармандро пухтатару озодтар мегардонанд, маводи бадоҳатан бозӣ намуданро дар ҳунарманд равнақ медиҳанд. Дар намоишномаи «Дод аз дасти Афандӣ» (дар таҳияи Д. Убайдуллоев) ӯ нақши Қаламқошро бо як шавқу завқи эҷодӣ, чолокиву кордонӣ иҷро намуд. Ин серҳаракативу ҷазабаи эҷодӣ ба ҳамроҳони саҳнавиаш кора намуда дар натиҷа як намоиши пуршӯру шавқи дидание ба вуҷуд омад. Тамошобинон онро хело хуб истиқбол намуданд.

Дар намоишномаи «Мурғи Ҳумо»-и Н. Бақозода (таҳияи 3.Ҷаводов) бошад, Саодат сурудхонӣ ҳам мекунад. Азбаски ба сурудхонӣ аз айёми кӯдакӣ дилбастагии хосе дошт, аз ин рӯ ҳангоми таҳияи асар ӯ мушкиле на-

кашид. Бачаҳо ҳар бор сурудхониашро бо кафкӯби ва шавқу шӯри зиёде истиқбол мекунанд.

Чанд сол пеш ба дӯши Саодат масъулияти дигар – созмону ташкили осорхонаи театрро вогузоштанд. Ҳангоме ки бори аввал дари бинои осорхонаро кушод, ӯро воҳима фаро гирифт. Дар он ҷо ба ғайр аз чанд расми ҳунармандон ва 5-6 эълонномаи намоишҳои театр чизи дигаре набуд. Корро бояд аз «сифр» оғоз менамуд. Як корсозу компютердонро ба кор ҷалб намуда сараввал аз ҳунармандон хоҳиш намуд, ки аксҳои дар бойгони мавҷуд будаашонро барои нусхагирӣ биёранд. Аксарият ин икдомро хело хуб пазируфтанд. Бо роҳбарияти Кумитаи садо ва симои Тоҷикистон маслиҳат намуд, ки бояд дар бораи ҳунармандоне, ки таҳкурсии театри ҳирфавии тоҷикро гузоштаанд, барномаҳои силсилавӣ омода созанд. Роҳбариятро ин маслиҳат хуш омад ва аз Саодат хоҳиш намуданд, ки ин вазифаи пурмасъулиятро ба ӯҳда гирад. Саодат аз ин хоҳиш рӯҳбаланд гардида дар бораи фаъолияти ҳунармандони тавонои саҳнаи тоҷик, ки ҳоло дар кайди ҳаёт нестанд, матолиберо ҷамъоварӣ намуда, аз рӯи он барномаи силсилавии «Дар масири ёдҳо»-ро ба навор гирифт. Ҳамин тавр, дар бораи саромадони театри точик М.Қосимов, А. Бурҳонов, Т. Фозилова, Ҳ Раҳматуллоев, Т. Ғаффорова, С. Тӯйбоева, З. Дӯстматов, Ҳ Шоҳимардонов, А.Хоҷаев, Г. Завқибеков, Г. Бақоева ва дигарон барномаҳои ҷолибу диданӣ наворбардорӣ шуданду имрӯз ин фитаҳо дар осорхона маҳфузанд. «Таърихро зинда намудан як кори савобу пуршараф аст. Дар замоне, ки ин абармардони майдони ҳунар зинда буданд, касе аз ҳаёту фаъолияти онҳо чизеро ба навор нагирифт. Онҳо, ки дар филмҳо банд буданду ин филмҳо маҳфуз мондаанд, мо бояд онҳоро ба фаромӯшхонаи хо-

тирот насупорем. Ҳанӯз ҳам дер нашудааст, ки хотираҳои наздиконашонро оҷилан ҷамъоварӣ намоем, аз хешу аҳрабояшон аксҳоро бигирем, то ҷои холӣ мондаашонро пур созем!» – бо ҳасрат мегӯяд Саодат. Дар ҳамин ҳол Саодат аз кору фаъолияти ҳунармандони имрӯзи театри тоҷик низ як барномае бо номи «Чеҳра» таҳия менамояд, ки ин ҳам як навъ фазои театрро пур кардан аст. Бо ин роҳ ӯ ду «сайд»-ро таҳти ҳадаф дорад: ҳам бойгонии осорхона ғанӣ мегардад ва ҳам осору фаъолияти ҳунармандонро ба навор бардошта барои наслҳои оянда чун дарсу далели мустамад ба ёдгор мемонад.

Устод Х. Майбалиев ин даъфа яке аз намоишномаҳои машҳургаштаи адиби Хитой Тсао Юй – «Раъду барқ»-ро барои таҳия интихоб намуд. Ин асар бори аввал охири солҳои 50-уми асри гузашта дар тарҷумаи А. Деҳотӣ рӯи саҳнаи тоҷик омада буд. Азбаски фоҷиа ба тамоми рукнҳои саҳнавӣ ҷавобгӯст (хислатҳои мухталифу ҷаззоб, банду басти тасхиркунанда, мавзӯи ҷовидонаи некию бадӣ, муҳаббати пурэҳтирос дар ҷавҳари он нуҳуфтаанд), театр дубора ба ин асар сару кор гирифт. Ба Саодат яке аз нақшҳои асосӣ – Фан супурда шуд. Ин нақш аз тарафи муаллиф хело устокорона эҷод шудааст. Дар он ҳам ишқ, ҳам нафрату ғазаб, ҳам асабонияти ба ҷунун наздик бо ҳам омезиш ёфта аз ҳунарманд малакаи баланди дарки ҷаҳони ботинӣ, зарбу суръати набзи «урён»-ро талаб менамояд. Бо ҷустуҷӯю ковишу мулоҳизаҳои доманадори тарафайн Саодат оҳиста-оҳиста ба қаъри нақш ғӯтавор гашт. Ахиран дурри максудро ба даст овард. Ҳар бор, пас аз хайрухуши хотимавӣ бо писари угайяш, аксари тамошогарон дар баробари ҳунарманд ба риққат меоянд ва нисбат ба шавҳари номеҳрубону дилсардаш нафрату адоваташон даҳчанд мегардад, ба ҳунараш бо шодию

фараҳмандӣ кафкӯбӣ намуда, изҳори миннатдорӣ менамоянд. «Ҳунарманд маҳз ба хотири чунин лаҳзаҳо рӯи саҳна худсӯзӣ ва «қатрае аз хуни ҷигар кам мекунад». Ин лаҳзаҳо рӯҳро болидаю қавӣ гардонда дақикаю сонияҳои аз зиндагӣ кам гардондаро боз аз нав барқарор менамоянд» – андешаҳояшро баён менамояд Саодат.

Соли 2000-ум бо дасгирию кӯмаки бунёди Сорос ва ҳукумати ноҳияи Данғара фестивали истеъдодҳои наврас – «Кабӯтарони сулҳ» гузаронда шуд. Ин фестивал боис шуд, ки аз байни ҳунармандони ҷавон гурӯҳи боистеъдодтареро интихоб намуда, дар донишгоҳи санъати ба номи М. Турсунзода студияи актёрии ноҳияи Данғара кушода гардад ва роҳбарии онро ба ӯҳдаи Саодат Азизова вогузор намоянд. Саодат аз ин кори заҳматталаб низ бо сарбаландӣ баромада ба муваффақият ноил гардид. «Фаъолияти омӯзгориям аз ҳамон замон шурӯъ шуд. Дар зарфи 4 сол мо ин бачаҳоро «алифбо»-и санъати театрӣ омӯзонда, ба қадри имконият онҳоро ба «кишвари рӯъёҳою ҳақиқат» ворид намудем», – бо фараҳмандӣ ёдовар мешавад Саодат. Дар фароварди таҳсил ин гурӯҳ ба комиссияи имтиҳони давлатӣ намоиши «Рустам ва Сӯҳроб»-и Ғанӣ Абдуллоро намоиш дода сазовори баҳои баланд гардиданд. Дар заминаи ин студия театри давлатии драмавӣ-мусиқавӣ дар шаҳраки Данғара таъсис ёфта, ба фаъолият оғоз намуд. Ҳар гоҳ дар озмунҳои ҷумҳурявӣ ба муаффақият ноил гарданд, ин ҳамаро ба шарофати тарбияву омӯзиши устодашон Саодат Азизова дониста, бо дастагуле ба зиёраташ меоянд. Ин лаҳзаҳо Саодат аз шодмониву ифтихор аз шогирдонаш ба ваҷд омада ашки шодӣ мерезад.

Дар ҷодаи омӯзгорӣ малакаи кофӣ пайдо намуданашро ба инобат гирифта садорати театри академӣ-драмавии

ба номи А. Лоҳутӣ тасмим гирифт, ки дар студияи назди театр ӯро ба сифати омӯзгори маҳорати актёрӣ ба кор гирад. Инак 4 сол шуд, ки ӯ таҷрибаи омӯхтаашро дар ҳамкорӣ бо дигар омӯзгорон ба шогирдон таълим дода орзӯи онро дорад, ки шогирдонаш дар вусъатободи водии ҳунар роҳгум назада, бо ҷасорату бо кордонӣ фаразҳои касби нақшофариро аз худ намуда онро фатҳ хоҳанд намуд. Муваффақияти ҳар шогирдро ӯ муваффақияти худ меҳисобад ва аз ин рӯҳи нав ва илҳоми тоза мегирад.

Соли 2006 Ҳукумати ҷумҳурӣ барои хизматҳои шоёну фаъолияти пурсамар дар соҳаи фарҳанг Саодатро бо унвони баланди Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон қадрдонӣ намуд. Ин ҳунарманди пуркору таҷрибаандӯхта, модари ғамхору дилсӯзи 3 фарзанду 3 набераи дӯстрӯяк ҳар бори аз корхона ба манзил баргаштан, аз дидори онҳо дар вучудаш сафову фараҳ лабрез мегардад, аз шавқу завқашон болидарӯҳ гашта шукри Ҳастибахши беҳамторо мекунад, ки озмоишҳои зиндагиро бо ҳама пастиву баландӣ бартараф намуд, худ дар зиндагӣ шахсияте шуд, ки пайроҳаи тайнамудааш метавонад барои пасомадагон намунаи ибрат бошад. Вале ӯ боварӣ дорад, ки пасовандонаш қуллаҳои боз ҳам баландтару пурбаракаттарро фатҳ хоҳанд намуд. Ин ҳама бошад, такондиҳандаю илҳомбахш дар офаридани нақшҳои тоза ба тоза, кашфи пайраҳаҳои дигари эҷодӣ, пиёда гардидани кулли орзуву ормонҳои дар дил парваридаи эҷодкори асиланд.

## НАҚШҲОЕ, КИ САОДАТ АЗИЗОВА ОФАРИДААСТ

**Нақшҳои кори дипломӣ:**

1. Гулнор – «Дохунда»-и Ҷ. Икромӣ (устод Ҳ. Раҳматуллоев)
2. Лиза – «Камбағали айб нест»-и А. Островский (устод Х. Майбалиев).
3. Орсета – «Моҷаро дар Киоза»-и К. Галдонӣ (устод Қ. Имматшоев).

**Нақшҳо дар театри ба номи А. Лоҳутӣ:**

1. Назорат – «Хатро ман навишта будам»-и Ф. Ансорӣ (таҳияи Ҳ. Раҳматуллоев, соли 1974.)
2. Адиба – «Интихоби домод»-и Ҳ. Содиқ (таҳияи Ҳ. Гадоев, соли 1974).
3. Назрия «Корвони бахт»-и М. Миршакар (таҳияи Х. Майбалиев соли 1974).
4. Хрисотомида – «Ишқи ман Электра»-и Л. Дюрко (таҳияи Ф. Қосимов, соли 1976).
5. Мастон – «Бой ва хизматгор»-и Ҳ. Ҳ. Ниёзӣ (таҳияи Ҳ. Раҳматуллоев, соли 1976).
6. Антигона – «Мубroom»-и К. Карес (таҳияи Т. Аҳмадхонов, соли 1977).

**Дар театри ба номи С. Вализода:**

7. Парӣ – «Парии обӣ»-и А. Пушкин (таҳияи М. Миров, соли 1977).
8. Фаррошхола – «Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев (таҳияи М. Миров, соли 1977).
9. Нина – «Сафар Амиршоев»-и Т. Аҳмадхонов (таҳияи Т. Аҳмадхонов, соли 1977).
10. Марго – «Андро ва Сандро »-и Хугаев (таҳияи М. Миров, соли 1978).
11. Макарская – «Писари калонӣ»-и Вампилов (таҳияи Х. Майбалиев, соли 1978).

12. Модар «Айбномаи охирин»-и Н. Думбадзе (таҳияи М. Хаёлов, соли 1979).
13. Марям – «Хусрав ва Ширин»-и А. Деҳотӣ ва М. Турсун-зода (таҳияи М.Миров, соли 1979).
14. Соҳибхона – «Мӯъҷизаи муқаррарӣ»-и Е. Швартс, (таҳияи Н. Шербина, соли 1980).
15. Хола – «Се нафар хушдор»-и А. Баҳорӣ (таҳияи М. Миров, соли 1980).

**Дар театри ба номи М. Воҳидов:**

16. Мақсуда – «Пеш аз борон»-и А. Ҳамдам (таҳияи М. Хаёлов, соли 1983).
17. Оқила – «Сухани нек»-и Ҳ. Нуров (таҳияи М. Хаёлов, соли 1987).
18. Манушак – «Ин тавр ҳам мешавад»-и Папаян (таҳияи А. Қодиров, соли 1985).
19. Пиразан – «Торҳои муҳаббат»-и Қ. Киром (таҳияи А. Қодиров, соли 1986).
20. Матюрина – «Дон Жуан»-и Молйер (таҳияи М. Хаёлов, соли 1987).
21. Хор – «Хонасӯзон»-и М.Фриш (таҳияи Ф. Қосимов, соли 1989.)

**Дар театри «Аҳорун»:**

22. Мариана – «Тартюф»-и Ж. Б. Молйер (таҳияи Ф. Қосимов, соли 1989).
23. Арӯси калонӣ – «Юсуфи гумгашта...» Ф. Қосимов. (таҳияи Ф. Қосимов, соли 1990).
24. Модар – «Даҷҷол»-и Ф. Қосимов (таҳияи Ф. Қосимов, соли 1985).
25. Зани осиёбон – «Марги Яздигурд»-и Б. Байзоӣ (таҳияи Қ.Собир, соли 1999).
26. Хонум Капулети – Модари Лайлӣ – «Қиссаи ишқ»-и А.Ҷомӣ, У Шекспир (таҳияи Ф. Қосимов, соли 2000).

27. Регана – «Шоҳ Лир»-и У.Шекспир (таҳияи Ф. Қосимов, соли 2002.)
28. Дуғду – «Паёми Зардушт»-и Р. Беҳдин (таҳияи Ф. Қосимов, соли 2004.)

**Дар театри ба номи Лоҳутӣ:**

29. Меҳрбону – «Шоҳ Исмоили Сомонӣ»-и М. Бахтӣ, (таҳияи Ф. Қосимов, соли 1999).
30. Зарема – «Искандар ва Спитамен»-и Б. Абдураҳмонов (таҳияи Б.Миралибеков, соли 2001).
31. Муғулхотун – «Нангбардори Хуҷанд»-и М.Бахтӣ, (таҳияи Б. Миралибеков, соли 2004).
32. Хонзода – «Бой ва хизматгор»-и Ҳ. Ниёзӣ (таҳияи Х. Майбалиев, соли 2006).
33. Зани бой – «Мурғи ҳумо»-и Н. Бақозода, (таҳияи З. Ҷаводов, соли 2009).
34. Фан – «Раъду барқ»-и Тсао Юй (таҳияи Х. Майбалиев, соли 2009).
35. Қаламқош – «Дод аз дасти Афандӣ»-и Ғ.Ашӯр, (таҳияи Д. Убайдуллоев, соли 2010).
36. Надежда – «Ориёӣ»-и С.Аюбӣ, (таҳияи Х. Майбалиев ва Ш. Абдулқайсов, соли 2010).
37. Ҳрдизода. Шоҳин. Нақши модар.

**Филмҳои телевизионӣ:**

1. Янгаи Меҳрубон – «Дар орзуи падар» (таҳияи С. Қодирӣ.)
2. Зани ҳамсоя – «Пой дар гил» (таҳияи Ғ. Ашӯр.)
3. Нафиса – «Гумон» (таҳияи Т. Баҳромов.)
4. Зилзилабону – «Маҳдӣ» (таҳияи С. Қодирӣ.)
5. Гулбибӣ – «Пайванди шикаста» (таҳияи М. Сатторова).
6. Зани ҳамсоя – «Гумгаштапайдо» (таҳияи Ю. Юсупов).
7. Малика Қайдофа – «Заволи сафо» (таҳияи Ф. Умаров).

# А К С ҲО

# ОИНАИ ТАЪРИХАНД



Саодат Азизова бо падараш Азизов Абдуқаҳҳор
ва хоҳараш Фароғат




Саодати 11-сола ҳангоми рақс (Нуробод, 1962)



Саодат бо ҳамсараш Салим Муқим, 1979



Салим Муқим ва Саодат Азизова
ҳамроҳи писарашон Бунёд, 1981




Ҳамроҳи писаронаш Бунёд ва Салимҷон, 2004



Ҳамроҳи писараш Салимҷон, 2004



Саодат бо набераҳо Нисо ва Соро, домод ва духтараш, 2005



Ҳамроҳи духтараш Сурайё дар Дубай, 2010



Ҳамроҳи писараш Бунёд ва набераааш Меҳрдод, 2011



Ҳамроҳи набераaш Меҳрдод, 2011



Ҳамроҳи Салим Муқим дар намоиши Иди Ғалаба
дар майдони Ленини ш.Кӯлоб, 1978



Намоиши «Мӯъҷизаи муқаррарӣ»-и Швартс, театри Кӯлоб, 1980



Намоиши «Мӯъҷизаи муқаррарӣ», дар нақшҳо – соҳибхона С.Муқим ва соҳибхоназан – С.Азизова, 1980



Намоиши «Шоҳ Исмоили Сомонӣ»,
актёрон бо муаллифи пйеса М.Бахтӣ



Намоиши «Шоҳ Лир»-и Шекспир, Регана – С.Азизова,
Шоҳ Лир – Қурбон Собир, 2003



Ҳангоми намоиши «Даҷҷол», Эрон, 2003



Намоиши «Нангбардори миллат»-и М.Бахтӣ. Чиғатой – Ш.Абудқайс, Муғулхотун – С.Азизова.



Намоиши «Искандар ва Спитамен»-и Б.Абдураҳмон,
нақши Зарема, Спитамен – Н.Абдулло, 2001



Нақши Хонзода дар намоиши «Бой ва хизматгор»-и Ҳ.Ниёзӣ



Нақши Хонзода дар намоиши «Бой ва хизматгор»-и Ҳ.Ниёзӣ.
Дар нақши Ҷамила – М.Абдуллоева



Намоиши «Шоҳ Лир»-и Шекспир, дар нақши Регана – С.Азизова, гертсог – Қурбони Ҳомид, 2003



Ҳангоми наворбардории филми «Пайванди шикаста», 2007



Нахустнамоиши «Рӯдакӣ»-и С.Улуғзода, 2008



Нақши Фан дар намоиши «Раъду барқ»-и Тсе-Юн, 2009



Нақши Фан дар намоиши «Раъду барқ»-и Тсе-Юн, 2009



Нақши Хонзода дар намоиши «Бой ва хизматгор»-и Ҳ.Ниёзӣ.
Дар нақши Почооим – З.Иброҳимова



Нақши зани осиёбон дар намоишномаи «Зани осиёбон»



Нақши Адиба дар намоишномаи «Интихоби домод», 1973



Саодат Азизова



Нақши Дуғду - модари Зардушт дар намоишномаи «Зардушт»,
театри «Аҳорун», 2001



Нақши модари Лайлӣ дар намоишномаи «Қиссаи ишқ», 2000



Саодат Азизова



Саодат Азизова



Нақши Зарема дар намоишномаи
«Искандар ва Спитамен», 2001



Нақши Қаламқош дар намоишномаи
«Дод аз дасти Афандӣ»-и Ғ.Ашӯров



Анҷоми намоишномаи «Нангбардори миллат», 2005



Саодат Азизова, Тамара Абдушукурова,
Толиб Бобоев, Фотима Ғуломова, 2000



Ҳамроҳи Фаррух Қосим дар Эрон, 2003



Баъди гирифтани унвони Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, 2006



Сафари ҳунарӣ ба Эрон. Халиҷи Форс, 2000



Ҳамроҳи шогирдони театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара, 2007



Ҳамроҳи устод, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон
Хушназар Майбалиев



Назди мақбараи ҳазрати Иброҳим Халилуллоҳ,
шаҳри Хиврон, Фаластин, 2011



Паҳлӯи ҳайкали ҳазрати Довуд, Изроил, 2011



Ҳунармандони театри «Аҳорун» дар назди манораи Эйфел, Порис, 2003





Дар кӯҳи Тӯр, 2011



Сафари Изроил, баҳри Миёназамин, 2011



Белгия, шаҳри Антверпен, 2003



Порис, рӯди Сена, қасри Лувр, 2003



Белгия, 2003



Баъди намоишномаи «Даҷҷол», 2003



Ҳунармандони театри «Аҳорун»
паҳлӯи калисои Модархудои Порис, 2003



Аҳли ҳунари театри Лоҳутӣ



Модари Саодат Азизова бо наберагон



Саодат Азизова бо аҳли оила

# МУСО ҲИБАҲО

## «МАН ҶИСМАМУ ТЕАТР ҶОН!»

### ОҒОЗ

Саодат Азизова. Ин ном мухлисони зиёде дошта, бахусус ба аҳли фарҳанг хуб ошност. Зеро тавассути нақшҳои офаридаи хеш ӯ тавонистааст ба дили мардум ҷо ёбад, қалби онҳоро бо маҳорати нақшофарии хеш тасхир намояд.

Фикр мекунам, барои ҳунарманди хуб шудану нақши ҷолиб рӯи саҳна овардан ҳунарманд бояд зиндагидида, мушоҳидакор ва нисбати худ серталаб бошад. Саодат қулли ин сифатҳоро дорост. Ӯ дар зиндагӣ ҳам шодӣ дидаасту ҳам ғам. Шояд ин ғамдидагии ӯст, ки аз умқи сифатҳои қаҳрамонаш огоҳ асту нақшҳояш табиӣ – ҳаётианд. Ӯ нақш мебозаду аҳён-аҳён саҳнаҳои зиндагиву рӯзгораш рӯи саҳна меояд. Албатта, тамошобини оддӣ инро дарк намекунад. Танҳо худ медонаду чанде наздикон.

Лаҳзае, ки бо ӯ баъд аз намошиномаи «Марги Яздгирд» вохӯрдам (воқеан ин намоишнома ба фестивал–озмуни театрҳои касбӣ ва студияҳои навтаъсис пешниҳод шуда буд) ва аз наздик бо ӯ ошно гаштаму аз рӯзгор, кору пайкор, хоса сарнавишти сахти ӯ огоҳ шудам, маро ҳиссиёте фаро гирифт, ки басе дарки масъулият дошт. Оре, метавониста бошам он чиро, ки вуҷуди ин зани резапайкар, вале дарду доғи зиндагидидаву саропо дилдодаи санъат аст, тасвир намоям. Ба гумон. Ба ҳар ҳол, як сӯҳбати шогирдонае доштам бо апаи Саодат.

## СӮҲБАТ

**– Апаи Саодат, боре ҳангоми сӯҳбат гуфтед, ки «ҳар куҷоям». Инро чӣ хел фаҳмем?**

– (механдад) Падарам (рӯҳашон шод бод) додситон буданду бо тақозои замон ва вазифа дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ адои хизмат менамуданд. Ва ҳамин тариқа мо фарзандонаш дар ноҳияҳои гуногун таваллуд шудаему ба камол расидем. Масалан, ман дар Зарафшон таваллуд шудам, айёми туфулиятам дар Қубодиён сипарӣ шудааст. Дар Қаротегин ба мактаби миёна рафтам ва мактабро дар ноҳияи Данғара хатм намудам. Хуллас, ки ман тоҷикистониям.

**– Чаро шумо маҳз касби ҳунарпешагиро интихоб кардед?**

– Зеро ки муҳаббати санъату майлу хоҳиши санъаткор шудан аз айёми хурдсолӣ дар дилам буд. Ҳангоми мактабхонӣ аъзои дастаи кружоки ҳаваскорони мактабамон будам. Аввалҳо суруд мехондаму рақс мекардам. Баъдтар дар саҳначаҳо низ. Ҳамаи ин сабаб гашту ман бо дуои падару модар шомили факултаи санъати Донишкадаи омӯзгории Душанбе гаштам.

**– Фаъолияти эҷодиатон чӣ гуна оғоз ёфт?**

– Баъди хатми донишгоҳ ба Театри академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ ба кор омадаму он ҷо бо бузургустодони саҳнаи тоҷик, ҳунарпешаҳои бомаҳорату шинохта М. Қосимов, М. Воҳидов, Ҳ. Раҳматуллоев, Қ. Иматшоев, Ҳ. Гадоев, Х. Майбалиев, А. Муҳаммадҷонов ва дигарон ба фаъолияти эҷодии худ оғоз бахшидам. Албатта, барои ман дар ин театр ва бо ин устодон ҳамроҳ кор кардан саодати бузург буд. Кӯмаку дастгирӣ ва серталабии ин устодон нисбат ба касбу кор буд, ки имрӯз ман каме ҳам бошад, аз нозукиҳои касби актёрӣ огаҳ гаштам.

**– Нахустин нақши офаридаатон дар хотиратон ҳаст?**

– Бале. Ин нақши Назорат буд, ки аз рӯи асари Файзулло Ансорӣ ба саҳна гузошта шуда буд. Он ҷо ман ҳамроҳи устод Ато Муҳаммадҷонов нақши духтари он касро иҷро мекардам. Ва албатта, бо кӯмаки он кас ман аз ӯҳдаи ин нақш баромада тавонистам.

**– Хуб, то имрӯз аз оғози фаъолияти эҷодии шумо солҳои зиёде сипарӣ гашт. Бигӯед, ки тӯли ин солҳо чӣ нақшҳоеро офаридаед?**

– Ростӣ, ман ҳам дар саҳнаи театр ва кино нақшҳои хеле зиёд офаридааму дар дубляжи чандин нақшҳо низ саҳм гузоштаам. Ҳангоме ки дар Театри Лоҳутӣ фаъолият мекардам, дар намоишномаи «Мубориզон» нақши Антигона, дар намоишномаи «Интихоби домод» нақши Адиба, дар спектакли «Бой ва хизматгор» – Мастон ва дигар нақшҳоро офаридаам.

Дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Саидалӣ Вализодаи ш. Кӯлоб бошад, дар намоишномаи «Парии обӣ» накши Парӣ, дар намоишномаи «Айбнома» нақши модар, дар «Мӯъҷизаи муқаррарӣ» нақши соҳибхона, дар намоишномаи «Восеъ» нақши Аноргул ва нақшҳои зиёди дигарро бозидаам. Ҳамчунон ҳангоми дар Театри ҷавонони ба номи Маҳмудҷон Воҳидов фаъолият кардаам дар намоишномаи «Алафҳои бегона» нақши Саодат, дар «Ҷустуҷӯи бахт» нақши Оқила ва чанде дигар офаридаҳои мананд.

Дар театри тамошобини ҷавон «Аҳорун» бошад, нақшҳои зани кӯдакдор аз намоишномаи «Даҷҷол», нақши зани осиёбон аз намоишномаи «Марги Яздгирд»-ро дар саҳнаи театри тоҷик бозидаам.

**– Ҳангоме ки ин ё он нақшро дар саҳна меофаред, дар сар чӣ андеша доред?**

– Пеш аз ҳама андешаи онро, ки нақше, ки рӯи саҳна меорам, самимӣ ва мақбули тамошобин гардад. Ва ба ин хотир пурра вориди дунёе мегардам, ки дар он қаҳрамоне, ки нақшашро меофарам, зиндагӣ мекунад. Агар ман эҳсос кунам, ки пурра ба он дунёи хаёл ворид гаштам, пас медонам, ки заҳматҳои кашидаам дар тавлиди ин нақш беҳуда нарафтааст.

**– Саодат-апа, як суоли маъмулӣ. Мегӯянд, сафарҳои ҳунарӣ илҳоми эҷодкорону ҳунармандонро меафзояд. Бигӯед, ки шумо ба кадом шаҳрҳо сафар кардаеду ин сафарҳо ба фаъолияти эҷодиатон чӣ таъсире расонидааст?**

– Ман шод аз онам, ки имрӯз байни дигар ҳунармандони номдору бомаҳорат, дар театри тамошобини ҷавон «Аҳорун» фаъолият дорам ва бурди театр низ ба фикрам дар он аст, ки тӯли солҳои фаъолияташ бо намоишномаҳои худ ба ҷумҳуриҳои дигар сафарҳои зиёди ҳунарӣ доштанду аз он ҷо бо сари баланд боз меомаданд. Ва банда низ ҳамроҳи ҳунармандони театр соли 1992 бо намоишномаи «Юсуфи гумгашта…» ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар доштам. Он ҷо намоишномаи мо ба мукофоти баландтарин «Сиккаи тиллоӣ» қадр карда шуд. Ҳамчунин ба Белжик, Уфа, Чувашистон, Полша сафар кардаам. Муваффақияти дигари театри мо дар он буд, ки театри «Аҳорун» бо намоишномаҳои хуб ба бештари ин шаҳрҳо даъват мешуд.

Чунончи ба ҳунармандони мо насиб гашт, ки бори дигар соли 1994 бо даъват ба шаҳрҳои Теҳрону Исфаҳон сафар намоянд. Албатта, ин гуна сафарҳо рӯҳу илҳоми эҷодии ҳунармандро баланд бардошта, барои фаъолияти хуби кории ӯ кӯмак мерасонад. Масалан, тамошои

марказҳои муқаддасу зиёрати оромгоҳҳои бузургоне чун устод Абулқосим Фирдавсӣ, Шайх Аттор, Саъдиву Ҳофиз, тамошои «Тахти Ҷамшед» магар тахайюлоти бадеии ҳунармандро ғанӣ ва ҷаҳонбинии ӯро васеъ намегардонад?

**– Чаро ҳунармандон, албатта, занҳо дар мадди назар аст, дар ҳаёти шахсӣ кам муваффақ мегарданд?**

– Чунки мафкураи мардуми мо ҳанӯз ҳам то он дараҷа нарасида, ки лозим аст. Аксарияти мардум ба заноне, ки дар соҳаи мо кор мекунанд, назари хайрхоҳона надоранд ва ин аламовар аст. Шояд бошанд заноне, ки ба ному касби хеш доғ мегузоранд. Вале ман фикр мекунам, ин гуна занон на танҳо дар байни санъаткорону ҳунарпешаҳо, балки дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ ҳастанд. Охир ин ҷамъият аст, хуб ҳам дораду бад ҳам. Ин нофаҳмиҳо бошад, баъзан мардони моро пайи эҳсос мебарад. Аз ҷониби дигар ба хушбахтии зани ҳунарпеша рашки шавҳар халал меорад. Дар ин сурат асосан ҳунармандон ба ҳамкасбашон издивоҷ мекунанд. Фарз кардем, ману шавҳарам ҳамкасб будем ва якдигарро хуб мефаҳмидем. Он кас қариб, ки дар офаридани ҳама нақшҳоям ба ман кӯмак мекарданд. Агар гӯям, ки устодам буданд, хато намекунам.

**– Назари шумо ба мазҳака?**

– Мазҳака жанри бисёр мушкилу мураккаб аст. На ҳар як ҳунарманд аз ӯҳдаи он баромада метавонад, зеро ҳаҷв жанри озод аст ва эҷодкориҳои зиёду маҳорати бадандро талаб мекунад. Ин ҳунар бояд дар хуни ҳунарманд бошад.

Ман ҳаҷвро дӯст медорам. Тавассути он ҳунарманд метавонад бисёр нуқсону камбудиҳои зиндагиро ошкор

кунад. Аҷибаш он аст, ки аслан ҳаҷвнигорон дар зиндагӣ бисёр шахсони ҷиддиянд. Айни ҳол дастаҳои ҳаҷвнигорон хело зиёд аст, вале ман ҳунармандеро эҳтиром мекунам, ки дар ин ҷода сабку услуби худро дорад. Чунончи, Убайдулло Раҷабов.

**– Чаро шумо дар намоишномаҳои телевизонӣ кам нақш меофаред?**

Асосан дар ин ё он намоишнома нақш офаридани ҳунарманд ба ӯ вобаста нест. Ин кори режиссёр аст. Ғайр аз ин, боз сирҳои дигаре низ ҳастанд, ки беҳтараш ин ҷо лаб фурӯ бандем.

**– Аз «Парасту»-и имсола чиро интизор будед?**

– Умуман, «Парасту»-и имсола аз «Парасту»–и соли гузашта бартариҳои зиёде дошт. Аввал ин ки қариб ҳама театрҳои ҷумҳурӣ ба ин озмун хуб омода буданд ва беҳтарин намоишномаҳоро пешкаши тамошобинон намуданд.

Сониян, аз ҳама ин даву тозҳо маълум мешавад, ки аҳли санъат ба оянда бо чашми нек менигараду беҳтарин нақшҳоро рӯи саҳнаи театри тоҷик меофаранд.

Албатта, ҳар як ҳунарманде, ки ба чунин озмун омода мешаваду дар он нақш меофарад, умедҳои зиёд дорад. Умеди ҳунармандони театри мо он буд, ки заҳматҳои кашидаашон одилона арзёбӣ гардад.

**– Апаи Саодат, шумо ҳамсари ҳунарманди хеле хубу бомаҳорат Салим Муқимов ҳастед. Шояд хонанда аз айёми ҷавонӣ ва ҳаёти оилавии шумо донистан хоҳад…**

– Ману Салим ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ ошно будем. Бо ҳам меҳру муҳаббат доштем, ниҳоят самимӣ ва бо ҳам издивоҷ кардем. Рӯзгорамон тинҷ буду осуда. Якдигарро хуб мефаҳмидем. Вале афсӯс…

**– Вақте ки шавҳаратон аз олам гузашт, шумо ҳамагӣ 30 сол доштед.**

– Ҳа, чаро чавон будаму шавҳар накадам? Зеро барои ман ӯ ҷовидонӣ буд. Ман қудрате надоштам, ки ба ҷои Салим каси дигареро шавҳар хонам. Ӯ рафту ҳама меҳру муҳаббати маро бо худ бурд. Фақат ягона меҳре, ки зиндаам медошт, меҳри фарзандонаш буд.

– Шунида будам, ки ҳуҷҷатҳои шодравон Салим Муқимовро барои гирифтани унвони Ҳунарпешаи шостаи Ҷумҳурӣ пешниҳод карда буданд…

– Бале, Театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи Вализода ва шӯъбаи фарҳанги шаҳри Кӯлоб чунин иқдом гузошта буданд, вале натиҷааш номаълум монд.[1]

## РУҶӮЪ

Ӯ зане ҳаст, ки ҳама мушкилиҳои зиндагиро мардона паси сар намуда, ба оянда бо назари хайр менигарад. Дӯстдори зиндагиву касбу кори хеш аст. Пас аз чанд соли танаффусҳо боз ба театр баргашт. Ӯ аз зиндагӣ сабақҳои зиёде гирифтааст. Ҳам шодӣ дидаву ҳам ғам, вале наметавонад касбашро тарк намояд. Охир, ӯ наметавонад бе театр зиндагӣ намояд. Чуноне ки худи ӯ мегӯяд: «Ман ҷисмаму театр ҷон!».

Чунин меҳру самимияти зиёд нисбати касб буд, ки ҳунари волои Саодат Азизова дар озмуни «Парасту»-и имсола ба мукофоти «Офарандаи беҳтарини нақши занона» шарфёб шуд. Ҳамчунон аз ҷониби ҳакамони озмуни ««Парасту» ва Вазортаи фарҳанг барои гирифтани унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон пешбарӣ гардид.

[1] Эзоҳ: танҳо баъди 18 соли вафоташ, соли 2000-ум ба ӯ унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон дода шуд.

**– Орзуву ниятҳои шумо?**

– Пеш аз ҳама орзуи ман чун як модари тоҷик ин осудагии мамлакату хушии рӯзгори кулли сокинони кишварам аст. Ва албатта, барои мо ҳунармандон ҷуз фарҳангдӯстии халқу бомаданиятии он ва пур аз тамошобини асил будани толори тоҷик орзуи дигаре нест.

Ҳамчунон бисёр мехостам устоди ҳамаи мо– ҳунарманди театри «Аҳорун» Фаррухи Қосим комилан шифо ёбаду шоҳасари Шекспир «Шоҳ Лир»-ро ба саҳна монанд.

**– Ташаккур, барои сӯбати самимӣ, апаи Саодат.**

– Комёб бошед.

## АНДЕШАҲОИ МУСОҲИБ

Ӯ ба ҳар пурсиши ман андешамандона посух медод. Ҳатто, ҳангоме ки аз рӯзгори якҷояашон бо шавҳараш сухан мекард, ӯ гоҳ аз хушиҳои зиндагии якҷояашон завқкунон ҳарф мезаду гоҳе аз нокомиҳояш – аз оне, ки шавҳари азизаш, падари фарзандонашро тақдир аз ӯ хеле бармаҳал рабуд, оби дида мерехт. Ҳарчанд имрӯз апаи Саодат худро модар ва бибии хушбахт меҳисобад, вале ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард, ки чи мушкилиҳоеро паси сар намудааст. Ба хусус, ҳангоме ки Сурайёву Бунёди хурдакак танҳо монд ва фарзанди саввумаш Салимҷон ҳанӯз дар батнаш буд, сахтиҳои зиндагӣ оғӯши сари худро ба рӯяш боз кард. Он вақт оғози шукуфоии умри Саодати ҷавон буд. Вале қисмат бори вазнини зиндагиро бо тарбияву таълими фарзандонаш танҳо бар дӯши ҷисми нозуки ӯ бор кард. Дар хобгоҳ зиндагӣ мекарданду пас аз таваллуди фарзанди хурдӣ хонашин буд. Он вақт хоҳару бародаронаш кӯмакаш ме-

карданд. Ҳоло Саодат аз он ёру дӯстоне, ки дар мушкилтарин лаҳзаҳои умраш дастгираш буданд, миннатдор аст. Имрӯз аз он сахтиҳо ёде боқӣ мондааст…

## ИЛОВАИ МО

Чанде қабл Саодат Азизова бо фармони Президенти кишвар бо унвони Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон сарфароз гардонда шуд. Мо апаи Саодатро аз номи мухлисони худаш аз хонандагони «Чархи гардун» сидқан табрик намуда, барояш муваффақиятҳои тозаи эҷодӣ хоҳонем.

*Барфимоҳ ҒАНИЗОДА,*
*«Чархи гардун», 5.11.99*

# САОДАТИ ЗИНДАГӢ ДАР МЕҲРУБОНИСТ

**– мегӯяд Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Саодат Азизова, ки беш аз 30 сол боз дар ҷодаи санъат заҳмат мекашад.**

**Саодат дар шаҳри Панҷакент таваллуд ёфта, Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи Мирзо Турсунзодаро дар риштаи актёрӣ хатм намудааст. Дар театрҳои шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб ба ҳайси актёр фаъолият дошт. Айни ҳол ҳунарманди Театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ мебошад.**

**– Саодатбону, гумон мекунам, ки барои инсон беҳтарин айём фасли кӯдакиву навҷавонист, ки бо хотираҳои зебояш дар зеҳни кас нақш мебандад. Шумо аз он айём чӣ лаҳзаҳои ҷолибро дар хотир доред?**

– Бале, ман он рӯзгори зебо, айёми беғамӣ ва аз ҳама муҳимаш дар оғӯши гарми волидайн буданро ҳеҷ аз ёд набурдаам. Айёми кӯдакӣ ва наврасиям дар ноҳияи Комсомолобод (Нурободи имрӯза) сипарӣ шудааст, ки бароям айёми шукуфоӣ ва тиллоӣ буд. Талу теппаҳои пур аз гулу гиёҳи ин ноҳия маро тасхир кардаву нахустин бор аз ин зебоӣ ба ваҷд омада, кӯдакона дар он муҳит суруд хондаам. Дар синфи 5 мехондаму дар кружоки худфаъолияти мактаби маркази ноҳияи Нуробод иштирок карда, «Кӯзача дар бараме»–ро месароидам ва шояд таҳкурсии ҳунари худро он ҷо гузоштаам. Дигар аз он рӯзгор падарам, бо аспи мисли Рахши Рустами достон зебояшон дар хотирам монда, он солҳо мошин кам буд ва падарам бо тақозои вазифа ба рустоҳо аспсавор мерафтанд ва баъзан мо, фарзандонашонро ҳамроҳ мебурданд ва хонаи мо дар наздикии чинори машҳури ҳазорсолае, ки бо номи

«Чанори Ҳаттибибӣ» машҳур аст, ҷой дошт ва гирди он чинор бо дугонаҳоям бозӣ карданро дӯст медоштам.

**– Яъне, зодгоҳи шумо Нуробод аст?**

– Не, медонед, – мегӯяд Саодат, – мо дар оила 8 фарзандем ва ҷойи таваллуди ҳар яки мо ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурианд. Зеро падарам Абдуқаҳҳор Азизов корманди ҳифзи ҳуқуқ, яъне прокурор шуда кор мекарданд ва баъди ҳар панҷ сол ҷои корашон дигар мешуд. Зодгоҳи ман Панҷакенти бостонист. Ва дар Панҷакент дарахти садае, ки падарам шинонда буданд, бо номи «Садаи Азизов» то ҳол ёдоварӣ мешавад.

Ҳамин тавр, дар оилаи мо ҳам шаҳритусӣ ҳасту ҳам қубодиёнӣ ва ҳам панҷакентиву данғарагиву балҷувонӣ.

**– Табиист, ки муҳити хонаводагӣ дар тарбияи фарзанд ва интихоби касб нақши муҳиме дорад…**

– Муҳити хонаводагии мо мӯътадил ва комилан тинҷу ором буд. Волидайнам мисли ду боли як кабӯтар буданд ва ҳамдигарро иззату эҳтиром менамуданд, бо ҳамдигар рафтори хубу шоиста доштанд, ки барои зиндагии имрӯзаи мо фарзандон дарси ибрат шуд.

Бале, натиҷаи хуби тарбияи падару модар буд, ки мо, 8 нафар фарзандро соҳиби таҳсилоти олӣ намуданд вай имрӯз дар оилаи Азизовҳо ҳам духтур ҳасту ҳам ҳуқуқшиносу актёр, ҳам мусиқишиносу ҳам ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

Ман шахсан аз падарам хеле сипосгузорам, ки дар рӯзҳои сахти зиндагиям тасаллоям медоданд.

– Духтарам, сабр кун, ҳамааш хуб мешавад. Фарзандҳоят рӯзе калон шуда, дастёр мегарданд. Танҳо рисолати модар буданатонро аз ёд набарор, кӯшиш намо, ки фарзандонат ба шаҳди донишу хирад ба воя расанд. Модарам низ як зани хеле бомаърифату дорои тафаккури

тозаву рӯшан ҳастанд ва айни ҳол 82 сол доранд ва дар ноҳияи Данғара бо додарам зиндагӣ мекунанд. Ҳар гоҳе ба дидорбиниашон меравам, чун айёми кӯдакӣ дасти навозишашонро ба сарам эҳсос мекунам ва зери лаб мегӯям.

*Модар, ту он бузургию ман пеши ту ғариб,*
*Баъд аз Худо, Худои манӣ, дӯст дорамат.*

Ва дар бозгашт аз дуои некашон баҳравар мегардам ва дуо мекунам: Худоё, дасти навозишашон ҳамеша дар сари мо бошад.

Бале, падарам аввалан мехостанд, ки ман касби ҳуқуқшиносиро пеша намоям, вале чун пай бурданд, ки ба санъат шавқу ҳаваси беандоза дорам, дигар монеъ нашуданд.

Ва ман пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 1, ноҳияи Данғара, факултаи актиёриву драмаи Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикстон ба номи М. Турсунзодаро ба итмом расонидам. Ва аз беҳтарин устодон мисли Муҳаммадҷон Қосимов, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Тамара Абдушукурова, Аскар Абдураҳмонов, Тӯрахон Аҳмадхонов дарси ҳунар омӯхтам. Солҳои аввали баъди хатми донишкада дар Театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ фаъолият доштам, баъдан бо тақозои зиндагӣ дар театри Кӯлоб фаъолият карда, нақшҳо офаридам. Соли 1982 боз ба шаҳри Душанбе баргашта, дар Театри ҷавонони ба номи М. Воҳидов фаъолиятамро идома додам. Соли 1998 бо сабабҳои гуногун ҳунармандони Театри ҷавонони ҷумҳурӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Як гурӯҳ актёрони ҷавон ба мисли Исфандиёр Ғуломов, Ибодулло Машрабов, Заррина Хушвақтова, Фаррух Қосимов, Хуррам

Қосимов якҷоя театри «Аҳорун»-ро ташкил додем. Театри «Аҳорун» воқеан бо намоишномаҳои «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон», ки ҳама аз ашъори ҷовидонаи Мавлонои Балхӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва Аттор тартиб дода шудааст, 15 сол боз дили тамошобинонро тасхир намудааст.

Ин намоишнома берун аз Тоҷикистон низ мақоми баландро сазовор гашт. Ҳамин тавр, Театри «Аҳорун» намоишномаҳои «Шайх Санъон», «Фоҷеаи Исфандиёр», «Шоҳ Фаридун», «Даҷҷол»-и коргардони маъруф Фаррух Қосимовро рӯи саҳна овард ва чандин бор театр соҳиби «Шоҳҷоиза» гардид, ки боиси сарбаландии мо, ҳунармандон буд. Вале бояд иқрор шуд, ки тӯли чанд соле он ҷо фаъолият доштам, бароям нақше насиб намегашт. Ҳамаи нақшҳои занонаро танҳо як кас меофарид…

Хушбахтона, ҳунарманди шинохта, коргардон Қурбони Собир «Марги Яздигурд»-ро ба саҳна гузошта ва билохира аз ин намоишнома нақши Зани осиёбонро бароям доданд, ки воқеан нақши ҷолиб буд. Баъдан соли 1997 умедамро аз Театри «Аҳорун» кандам ва ба Театри давлатии академӣ драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ба кор рафтам. Хушбахтона, дар театр маро хуш пазируфтанд ва нақшаҳои ҷаззобе низ насибам гардид. Дар намоишномаи «Искандар ва Спитамен»-и Барот Абдураҳмонов нақши Зарема – ҳамсари Спитаменро офаридам, дар «Шоҳ Лир»-и Шекспир нақши Регана – яке аз духтарони шоҳро бозӣ кардам. Ҳамчунин дар намоишномаи «Қиссаи ишқ» нақш офаридам. Дар намоишномаи «Тилисми Сайҳун» нақши Муғулхотунро бозидам. Ҳамчунин дар намоишномаи Р. Ҳодизода ва А. Ҳамдам «Шоҳин» нақши модарро иҷро кардам ва ахиран дар «Бой ва хизматгор»-и Ҳамза нақши Хонзодахонро рӯи саҳна овардам, ки воқеан завқи маро ба нақш офаридан бештар намуд. Ва-

ле дар Театри «Аҳорун» сад афсӯс, ки умрам беҳуда гузашт.

**– Саодатбону, чаро шумо бештар нақшҳои манфиро меофаред?**

– Бале, ин суолро қариб ҳама ба ман медиҳанд. Бояд гуфт, ки кулли мутафаккирони гузашта ва имрӯза бар ин назаранд, ки инсон дорои сиришти дугонаи неку бад аст.

Аз ин рӯ, баробари будани инсонҳои нек инсонҳои бадсиришт низ ҳастанд, бояд як кас не, як каси дигар ин нақшҳоро биофарад. Ва бароям офридани ин нақшҳои манфӣ, яъне ҷанҷолӣ мушкилие надорад, муҳим тавре офаридан, ки барои тамошобин сохта набошад. Ин нақшҳоро бештар дар намоишномаҳои телевизонии «Беғараз панд» офаридам. Ҳамчунин дар филми телевизонии К. Мирзоев «Дар орзуи падар», дар филми «Маҳдӣ»-и Сайф Раҳим, «Пой дар гил»-и Ғаюр Ашӯров бозӣ кардам.

**– Имрӯз дар ноҳияи Данғара театри ҷумҳуриявӣ фаъолият мекунад ва мегӯянд, ки ин театр бо раҳнамоии шумо ташкил шудааст?**

– Ман 6-7 сол муқаддам аз мактабҳои Данғара чанде ҷавононро ташвиқу тарғиб карда, онҳоро ба Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода оварда дохил намудам ва муддати 5 сол ҳамроҳашон кор кардам ва ҳамкорӣ натиҷаҳои хуб ҳам дод ва имрӯз дар театри Данғара ҳамаи он шогирдонам кору фаъолият доранд. Сари чанд вақт ба ноҳия рафта, аз натиҷаи кори эҷодиашон хабар мегирам.

**– Хуб, аз сафарҳои худ ба сарзаминҳои дигар чӣ мегӯед?**

– Аз ҳама бештар ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар доштам, ки ҳамеша бароям хушоянд мебошад. Ҳар гоҳе

ки ба он ҷо сафар мекунам ва чун тайёра майли нишастан мекунад, дилам аз шодмонӣ лабрез мегардад, зеро ба зиёрати оромгоҳи Ҳофизу Саъдӣ ва Фирдавсӣ мушарраф мегардам.

Ҳамчунин ду бор ба Белгия, Фаронса, Полша, Маскав, Тошканд, Чебоксар сафарҳои эҷодӣ доштам.

**– Ҳини сӯҳбат пай бурдам, ки шумо чандин бор номи ҳунарманди шинохтаи тоҷик, зиндаёд Салим Муқимро ба забон гирифтед ва банда аз зану шавҳар будани шумо огоҳӣ дорам…**

– Воқеан, то ҳол марги бемаҳали ин ҳунарманди нотакрор, падари писаронамро таҳаммул кардан наметавонам, афсӯс хеле ҷавону пурармон аз бари мо рафтанд. Ману ӯ дар Театри Кӯлоб нахуст ҳамкору пурракунандаи ҳамдигар будем. Салим ҳунарпешаи хеле боистеъдод ва овозхони барҷаста буданд. Ёд дошта бошед, суруди «Бикашам ба ноз зулфат»-ро мехонд, ки байни мардум он солҳо хеле маҳбубият дошт. Ва ҳамчунин дар намоишномаи «Восеъ»-и Улуғзода, «Мӯъҷизаи муқаррарӣ»-и Шwартс, «Парии обӣ»-и Пушкин, «Писаркалон»-и Василев, «Айбномаи»-и Н. Думбадзе ва чанде намоишномаҳои дигар нақш офарида буданд.

Шеърро низ чун ровӣ дилрасу ҳадафрас қироат мекарданд, яъне дорои қудрати баён буданд. Бо маҳорати волои сухангӯӣ дар дили мухлисонашон роҳ ёфта. Ин буд, ки баъди қироати «Сурӯши Сталинград» бо ҳидояти академик Муҳаммад Осимӣ ва устод Мӯъмин Қаноат он кас ба Душанбе омаданд ва соли 1980 дар ҷашни 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино дар шаҳри Маскав порае аз достони «Гаҳвораи Сино»-и Мӯъмин Қаноатро хонда, сазовори баҳои баланд гаштанд. Вале афсӯс саманди

орзуҳояш дар нимароҳ монд, вагарна ҳамин сол ба синни 60 медаромаданд.

**– Бубахшед, андӯҳи шуморо тоза кардам, вале гумон намекунам, ки азизонро ба ёд овардан хеле гуворост ва бигузор рӯҳашон шод бошад.**

– Оре, баъди фавти ҳамсарам Салим Муқимов солҳои аввал хеле азоб кашидам, ҳарчанд волидайн, хоҳару бародар кӯмак мекарданд, вале бе падар калон кардани фарзандҳо мушкилам омад. Бояд гуфт, ки зиндагии шахсиамро аз ёд бурдаму тамоми ҳаётамро барои фарзандонам бахшидам. Ҳоло духтарам Сурайё дар Санкт-Петербург бо хонаводааш зиндагӣ мекунад. Ӯ Донишгоҳи тиббиро бо дипломи сурх хатм карда, дар шаҳри Санкт-Петербург рисолаи номзади илмҳои тибро дифоъ намуд. Писарам Бунёд корманди соҳаи ҳуқуқ буда, соҳиби хонаи ободу фарзандҳост. Салимҷон баъди фавти падараш тавлид шуд, аз ин рӯ, Салимҷон номаш гузоштам, ки ӯ низ дар Санкт-Петербург донишҷӯ аст ва дар риштаи инженерӣ таҳсил мекунад. Ногуфта намонад, ки ҳар се фарзандонам мактаби мусиқиро тамом кардаанд. Хуб дарк карда будам, ки инсон танҳо бо қувваи донишу тафаккур ба қуллаи мурод мерасад, бинобар ин ҳама мушкилоти зиндагиро таҳаммул кадаму кӯдаконамро ба хондан ҷалб намудам.

**– Бештар кадом китобҳоро мехонед?**

– Ман соли гузашта дар «Намоиши китоб» ба Эрон сафар доштам ва бо худ «Маснавии маънавӣ» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсиро овардам, ки лаҳзае вақт пайдо шавад, ин китобҳоро мехонам. Ба вижа хондани «Шоҳнома»-ро хеле дӯст дорам, зеро «Шоҳнома» на танҳо барои имрӯз, балки фардо низ барои суду

беҳбудии инсон, бедориву ҳушёрӣ ва аз миён бурдани ҳама гуна зиштҳо ва тантанаи сулҳу озодӣ мадад мерасонад.

…Омадем ба поёни қиссаи як зани ҳунарманде, ки бо нақшҳои ҷолибаш то дергоҳ аз хотири тамошобин зудуда намешавад ва сухани охиринро низ ба ӯ вогузор мекунем, то аз нияту орзуҳои хеш дар оянда ҳикоят бикунад.

– Ӯ мегӯяд: ман ҳамеша зимни офаридани нақшҳоям кӯшиш кардам, ки симои аслии қаҳрамонамро ба тамошобин кушоям ва дар оянда низ ҳамин кӯшишро ба харҷ хоҳам дод ва баъдан ният дорам, ки ба Ҳиндустон сафар дошта бошам. Ҳамчунин самимона мехоҳам, ки мо, ҳунармандон, ҳамеша бо ҳам мушфиқу меҳрубон бошем ва ҳаргиз сояи ҳамдигарро аз девор натарошем.

Миёни мо бояд танҳо ракобати солими эҷодӣ бошад то муҳити созгоре барои кор ва фаъолияти эҷодӣ муҳайё гардад. Зеро агар эҳсоси ҳунарманд солим набошад, наметавонад ниёзҳои хешро дар саҳна ва зиндагӣ барорад. Нозими Ҳиротӣ хеле зебо гуфтааст:

*Эй, ки мегӯӣ чӣ кардӣ, к-аз ту касро шиква нест,*
*Хоксорӣ, гармхӯӣ, меҳрубонӣ кардаам.*

Ана, ҳамин се хислатро барои ҳама ҳунармандон таманно дорам.

**– Ташаккур Саодатбону, барои сӯҳбати самимӣ.**

*Шаҳрияи АДҲАМЗОД,*
*«Садои мардум», 30.01.2007*

## «ШАВҲАРАМ ОРЗУЮ НИЯТҲОИ ЗИЁД ДОШТ...»

***Номи Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саодат Азизова ба мардуми тоҷик ошност. Вақте ӯро дар саҳна мебинед, гумон мекунед, ки як зани беғаму бепарвост ва ҳама чиз дар зиндагӣ барояш ба осонӣ даст медиҳад. Зеро намуди зоҳирии ӯ чунин аст. Аммо аз он дарду ранҷу озоре, ки зиндагӣ ӯро додааст, шиква карданро дӯст намедорад. Умуман аз мушкилӣ нолиданро хоси инсони ноӯҳдабаро медонад. Гарчи ӯ хеле ҷавон, ҳанӯз дар синни сисолагӣ, азизи дили худ Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Салим Муқимовро аз даст дода, танҳо мондааст, мушкилоти зиндагӣ ӯро рӯҳафтодаву дилшикаста карда наметавонистааст. Зани матинию родаву мушкилнописанд аст апаи Саодат.***

**–Шиносоии шумо бо шодравон Салим Муқимов тасодуфӣ буд ё бо амри тақдир?**

– Ҳангоми донишҷӯи факултаи санъати Донишкадаи педагогии пойтахт буданамон беғаму бепарво аз ғаму шодии дунё будему намедонистем, ки киро чӣ тақдиру сарнавиште дар пешонӣ аст. Ишқи ману Салим Муқимов, ки ҳардуямон боре дар зиндагӣ ба ноомад дучор гардида будем, поку самимӣ буд. Қисмати ҳардуямон якранг ва мо ҳамақида будем. Шояд ӯ огоҳӣ ёфта буд, ки ман дар зиндагӣ азоби бисёр кашидаам ва бо тамоми дил мехост маро хушбахт гардонад. Насибу тақдир будааст, ки мо ҳамхона гаштем.

**– Ва он хушбахтии шумо чандон тӯлонӣ ҳам набуд...**

– Аммо беҳтар аз зиндагии 50-солаи дигарон буд он бахти кӯтоҳи ман. Зиндагии гуворои аз сар гузаронидаи

мо гарчи кам буд, аммо барои як умр басанда аст. Ман зани хушбахтам, ки бо чунин инсон умр ба сар бурдаам. Мо ҳамдиигарро хуб мефаҳмидему аз якдигар ризо будем. Вақте писари нахустини мо ба дунё омад, Салим ба ӯ бо умеди бунёд гаштани оилаи неку солим Бунёд ном гузошта буд. Шавҳари азизи ман дили мисли булӯр шаффову тоза дошт. Мо, актёрон, агар суханеро шунавем, паҳлӯи дигари онро мекобем, яъне зери он гапро. Аммо Салим Муқимов ба зиндагӣ аз равзанаи худ менигарист. Дар оилаашон низ ӯ аз дигар фарзандон ба куллӣ фарқ мекард. Имрӯзҳо, хушбахтона, дар фарзандонам сифатҳои хуби ӯро мебинаму меболам. Якеи онҳо тозагии ботинии падарро гирифтаю дигаре шӯхтабиатиашро ва ман дар симои онҳо Салими гумкардаи хешро пайдо кардаам.

**– Он кас бисёр шӯхтабиат буданд?**

– Инсони ниҳоят ҷиддӣ буданд, аммо шӯхӣ ҳам карда метавонистанд. Аслан ҳунарманд бояд аз ҳама ҳунарҳо бохабар бошад. Писари хурдӣ, ки ҳангоми марги ногаҳонии падараш ҳанӯз дар батни ман буд, чун ба дунё омад, номи падарашро ба ӯ гузоштем ва Салимҷону Бунёдҷони ман давоми умри падари ҷавонмарги хеш гаштанд.

**– Гуфтед, ки фавти шавҳаратон ногаҳонӣ буд?**

– Бале, ман ҳеҷ гумон намекардам, ки ӯ ба балкони хонаи якҳуҷрагии мо сигоркашӣ баромада, ба ногоҳ аз он ҷо сарозер афтода мефавтад. Ин амри тасодуф буд. Агар Худованд ба ман кӯрӣ намедод, шояд ба ӯ мегуфтам, ки сигори худро дар хона кашад. Ӯ ба хотири он ки заҳри тамоку ба ману тифли батнам зарар нарасонад, ба балкон баромада буд. Ман аз фарёди Бунёди хурдакак, ки ҳамроҳи падараш буд, як қад парида, ба берун барома-

дам, аллакай вай афтода буд. Ман аз рӯзноманигорони ҳафтаномаи «Фараж» норозиям, ки сабаби марги Салим Муқимро худкушӣ маънидод намудаанд. Онҳо чӣ ҳақ доранд, ки ба торҳои нозуки қалби ману фарзандонам нохун зада, моро озурда созанд. Омада бо ман сӯҳбат намуданду суханҳои маро монда, тамоман чизи дигар навиштаанд. Шоҳиди ягонаи он фоҷиа танҳо ман будам ва ягон каси дигар, ки онро надидааст, ба фикрам ҳақ надорад, ки шарҳи нодурурст диҳад. Бинобар ин аз шумо хоҳиш мекунам, ин сухани маро напартофта, ҳатман чоп кунед, ки дигар журналистони ҷавон хонанду минбаъд ба саҳву хато роҳ надиҳанд. Пеш аз он ки дар бораи касе менависанд, хусусан дар бораи инсоне, ки имрӯз дар ҳаёт нест, афсона набофта, ҳақиқатро нависанд. Мардум танҳо ҳақиқатро мепарастад. Онҳо ҷияни шавҳарам Бунафша Муқимоваро, ки ҳангоми фавти амакаш ҳамагӣ панҷсола буд, пурсидаанд. Кӯдаки панҷсола ба чӣ сарфаҳм меравад ва чӣ гуна метавонад ҳақиқатро баён созад? Ӯ мебоист дар мавриди ҳунари амакаш Салим Муқимови зиндаёд ҳарф мезад. Зеро ӯ ҳунарманди нотакроре буд ва Худованд чунин овозро на ба ҳар кас медиҳад. Шавҳари ман аз зиндагӣ дилсард нагашта, умедҳои зиёде дошт. Барои худкушӣ асоси ҷиддие надошт. Бо сад орзуву ҳавас интизори тифлаки дуюмамон буд, нақшаву орзуҳои зиёде дар дил дошт. Мехост «Модарнома»-и Лоиқ Шералӣ ва «Сурӯши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноатро рӯи саҳна гузорад. Соҳиби овози пурқуввате буд, ки бе баландгӯяк овозаш то охири толор мерасид. Овози ӯро ҳамчунин дар дубляжи филмҳо истифода менамуданд. Ӯ танҳо аз роҳбарони онвақтаи давр дилозурда буд, ки ӯро вазири фарҳанги онвақта Мирзошоев, академик Осимӣ ва раиси Иттифоқи нависандагон Мӯъмин Қаноат бо мактуб аз Те-

атри шаҳри Кӯлоб ба пойтахт даъват намуда, ваъда дода буданд, ки бо хона таъмин менамоянд. Аммо ба ваъдаи хеш вафо накарданд.

**– Писаронатон шояд ҳунари падарро идома диҳанд?**

– Ман назди рӯҳи Салим ваъда дода будам, ки азоб кашам ҳам духтари калониам Сурайё (ӯро низ Салим мисли фарзанди худ дӯст медошт), писаронам Бунёду Салимро хононда, соҳиби маълумоти олӣ ва касби дилхоҳе менамоям ва баъд аз он хотирҷамъ мешавам.

**– Ба ваъдаи худ вафо кардед?**

– Бале, Соли 1994 Сурайё Донишгоҳи тиббиро бо дипломи сурх хатм намуд. Ҳоло номзади илми тиб аст. Дар Институти «Модару кӯдак», ки воқеъ дар таваллудхонаи рақами 1-и шаҳри Душанбе аст, ба ҳайси ҷонишини мудир кор мекунад. Шавҳардор ва соҳиби ду духтарчаи дӯстрӯяке ҳаст. Ҳарду писаронам маълумоти мусиқӣ доранду истеъдод низ. Аммо барои худ роҳи гуногуни зиндагиро интихоб намудаанд. Бунёд мисли бобояш (падари худораҳматии ман) касби ҳуқуқшиносиро интихоб намуд. Салимҷон бошад, Институти политехникии шаҳри Санкт-Петербургро бо ихтисоси муҳандис ба тозагӣ хатм намуд.

**– Бо тифлакони хурд дар театр кор кардан душворӣ надошт?**

– Дар Театри Кӯлоб аробача (коляска)-и Бунёдро ҳамроҳ ба кор мебурдему дар дохили он як магнитофонро мегузоштем ва вай мусиқӣ гӯш карда, мехобид. Мо бо навбат дар вақти холигии худ ӯро нигаҳбонӣ менамудему кор ба таври худ пеш рафтан мегирифт. Тамоми хизмати хона, бозорравӣ ҳамеша ба дӯши ман буд. Салим бисёр шавҳари меҳрубон буд ва ягон сухани бад ё таҳқиреро нисбати ман раво намедид ва барои ман ҳамин бас буд.

**– Ҳангоме ки хеле ҷавон танҳо мондед, бо кӯдакони**

**хурдсол, албатта, бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ гаштед ва чӣ гуна тавонистед онро паси сар намоед?**

– Шабу рӯзҳои душворе, ки ман аз сар гузаронидам, танҳо худам медонаму Худо. Тифлаконам ягона тасаллои дилам буданд. Салими хурдакакро ба оғӯшам пахш намуда, шир медодаму асабам ором мегардид. Хайрият, ки ӯро ба дунё овардам. Муддати 3-4 соли баъди фавти шавҳарам ман ӯро алла мегуфтаму аламҳои диламро холӣ менамудам. Ҳоло аз он рӯзи шум 26 сол сипарӣ гаштаасту дарду доғаш ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Ҳангоми сисолагӣ бешавҳар монда бошам ҳам, бо кӯмаки падари бузургвор ва хоҳару бародарони дилсӯзам тифлаконамро ба по рост намудам. Маоши гирифтаи ман танҳо барои хӯрду хӯрок мерасид. Боқӣ ҳамаи ҳароҷотҳоям ба зиммаи пайвандонам буд. Ман баъди фавти Салим боз даҳ соли дигар дар он хобгоҳ зиндагӣ намудаму баъд аз он аз Театри Лоҳутӣ дар асоси навбати доштаи раҳматӣ шавҳарам ба ман хона доданд.

**– Фарзандонатон аз касби шумо розианд?**

– Албатта, мегӯянд, ки шумо дар хона зиқ шуда нанишаста, ба касби дӯстдоштаатон машғул шавед. Чӣ қадар заҳмате, ки лозим буд, барои мо кардед. Акнун вақти истироҳату озодии шумост. Имрӯз, ки фарзандонам соҳиби касб шудаанд, акнун саҳна барои ман ҷоест, ки ҳам мегиряму ҳам механдам ва дардамро гуфта метавонам. Аз фарзандони тарбиянамудаам ризоям, ки маро хеле зиёд ҳурмату эҳтиром менамоянд. Аз онҳо ифтихор дораму меболам.

*Шаҳрбону ТОШЕВА*
*«Зан ва мард», 11.12.2008*

# М У Н Д А Р И Ҷ А

*Асалбек Назриев*. Пайроҳаи Саодат ..................................3

Аксҳо оинаи таърихand ...................................................25

## Мусоҳибаҳо

*Барфимоҳ Ғаниезода.*
«Ман ҷисмаму театр ҷон!» .........................................65

*Шаҳрияи Адҳамзод.*
Саодати зиндагӣ дар меҳрубонист ............................74

*Шаҳрбону Тошева.*
«Шавҳарам орзую ниятҳои зиёд дошт» ....................82

**Асалбек Назриев**

**ПАЙРОҲАИ САОДАТ**
*(очерк ва мусоҳибаҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 19.06.2012 супорида шуд.
Чопаш 21.06.2012 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 5,5. Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Бебок» чоп шудааст.